## ҶӮРА ҲОШИМӢ

# «Р» МЕГӮЯМ МАН БУРРО!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## АЛИФБОҶОН

Китоби аввалини мо,
Китоби нозанини мо,
Китоби дилнишини мо,
Алифбоҷон! Алифбоҷон!

Туро такрор мехонем,
Туро бисёр мехонем,
Туро сад бор мехонем,
Алифбоҷон! Алифбоҷон!

Ту ёри хушгили мой,
Кушоди мушкили мой,
Ту шодии дили мой,
Алифбоҷон! Алифбоҷон!

Туро бо ҷон парасторем,
Туро аз даст нагзорем,
Туро мо дӯст медорем,
Алифбоҷон! Алифбоҷон!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## СУРУДАКИ ҲАРФИ О

ЯктО ҳарфи О кОбӣ,
СадҳО ҳарфи О ёбӣ.

О, мОнанди нОн аст О!
ҶО дар байни ҷОн аст О!

Лаб чун ғунча вО гардад,
Лаб не, балки О гардад!

Чашму гӯшу нОхунҳО –
О-ю О-ю О-ю О!

О чун мОҳи тОбОн аст,
О хуршеди хандОн аст!

Ин дунёи мО зебОст,
Ҳамчун О-и мО зебОст!

## САРГУЗАШТИ ЯК ҲАРФИ О-И



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ТАНҲОИ ТАНҲО

Мезист якто Ояке,
Як Ояки танҳояке.

Азбаски танҳо буд О,
Танҳо ҳамин О буд О.

Боре ба боғе омад О,
Аз байни роғе омад О.

Б соҳиби ин боғ буд,
Чашмаш ба роҳи роғ буд.

Омад чу дар боғ О падид,
Б гуфт:
– О, хуш омадед!

О аз ибо бетоб шуд,
Б-ро бидиду ОБ шуд.

## БО ҲАРФИ М ЧИҲО ШУД?

М як ҳарфи танҳо буд,
Як ҳарфи бемаъно буд.

Боре ҳамдам бо О шуд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

МО шуд, хеле фаҳмо шуд.

МО чун бо Ҳ шуд ҳамроҳ,
Олам равшан гашт аз МОҲ.

– М-ям афтад, – гуфто МОҲ, –
Аз ман монад танҳо … ОҲ!

Вай бо як Й МОҲЙ шуд,
Сӯйи дарё роҳӣ шуд.

## МО ВА МОМО

М аз дасти О дорад,
То М бо О МО бошад!

МО аз дасти МО дорад,
МО бо МО МОМО бошад!

МО хуш бо МОМО бошем,
МОМО хуш бо МО бошад!

## АФТОДАНИ АЛИФБО
(Аз Ю. Тувим)



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ё тавба! Э, чӣ гап шуд?
Э, ин чӣ доду фарёд?
Нохост як Алифбо
Аз рӯи тоқча афтод!

Ҳар сӯ фитода ҳарфе,
Бечораю бачора:
Г дида андак осеб,
Ж гашта пора-пора!

Ю ногувор монда:
Зарринкамар куҷо шуд?
Ваҳ, Ҷ-и зормонда
Аз думчааш ҷудо шуд!

Ду лунҷи Ф варам кард,
О, ин чӣ бедавоӣ!
Б-ро лапар парида,
Я-ро на сар, на пое!

О гашт С-и сарсахт
Пояш ба сар халида!
Нашнохт ҳеҷ касро,
А чун кушод дида…

«РЕ» МЕГӮЯМ МАН БУРРО!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ман бурро «дар» мегӯям,
Бурро «модар» мегӯям.
Дигар ҳар як ҳарфамро
Ман фаҳмотар мегӯям.

«Ре» мегӯям ман бурро,
Ре! Ре! Ре! Ре! Ре! Урро!

Ору дигар «олу» нест,
Дору дигар «долу» нест.
Карра «калла» не дигар,
Абру дигар «аблу» нест.

«Ре» мегӯям ман бурро,
Ре! Ре! Ре! Ре! Ре! Урро!

Ҳарфам дигар пар дорад,
Парвози дигар дорад.
Аз «Ре» комам ширин аст,
«Ре» оё шаккар дорад?!

«Ре» мегӯям ман бурро,
Ре! Ре! Ре! Ре! Ре! Урро!

## ГУНҶИШК ВА ГУРБА



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гунҷишк ояд чиқ-чиқ-чиқ,
Дона чинад тиқ-тиқ-тиқ.

Донаш монад ним-ним-ним,
Гурба ояд ҷим-ҷим-ҷим.

Пешаш ғеҷад кам-кам-кам,
Гӯяд: «Хӯрам, ҳам-ҳам-ҳам!».

– Ҳо, гунҷишко, киштo! Кишт!
– Ҳо, гурбаё, пишто! Пишт!

## ҶӮҶАИ МУРҒОБӢ

Эй ҷӯҷаи мурғобӣ,
Дар ҷӯчаи пуртобӣ!

Он ҷо ту чӣ мекобӣ?
Оё ту чӣ меёбӣ?

Ту ҷӯҷаи ноёбӣ!
Дар ҷӯчаи нобобӣ!

Хобат набарад, охир?!
Обат набарад, охир?!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

## ГУРГАК ВА САГ

Гургак омад пеши саг,
Саг омад пеши гургак.

Гургак гуфто:
– Увву увв!..
Гуфто саг бар вай:
– Вак! Вак!

Гургак чӣ гуфто бар саг?
Саг чӣ гуфто бар гургак? –

Инро танҳо донад гург!
Онро танҳо донад саг!

## ШИНОСОӢ

Вав! Вав! Вав! – Мегӯяд бабача.
«Вав! Вав! Вав!» мегӯяд? Яъне чист?
«Пав! Рав! Рав!» мегӯяд бабача?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ё баръакс мегӯяд: «Як дам ист»?

Метарсам. Мегардам зуд аз роҳ.
– Вав! Вав! Вав! – Мегӯяд бабача.
Пеш оям? Пас гардам? Ё бар ман
«Дав! Дав! Дав!» мегӯяд бабача?

Метозам. Вай бо м ан метозад.
– Вав! Вав! Вав! – Мегӯяд бабача.
«Ман зиқам! Танҳоям! Ту бо ман
Ошно шав!» мегӯяд бабача?

– Баҳ! Баҳ! Баҳ! – Мегӯям ман бар вай.
– Вав! Вав! Вав! – мегӯяд вай бар ман.
Ҳамроҳам шод ояд дигар вай,
Ҳамроҳаш шод оям дигар ман.

## БУЗИЧАИ АЛОБУЛО

Бузичаи алобуло,
Бузичаи баду бало,
Саҳар зи кӯчаи гузар
Накарда пешу пас назар,
Раҳи калон баромадаст,
Давон-давон баромадаст.

Зи рӯ ба рӯ ҳамон замон,
Якта чӣ? Мошини калон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба мисли дев омадаст,
Ба сад ғирев омадаст.
Ваҳ, ин чӣ ҳолати бад аст:
Бузичаро…
На! Назадаст!

Шофири чуст будааст!
Бузичадӯст будааст!
На ин ки дер кардааст,
Тормуза зер кардааст!
Бузича зинда мондааст! –
Таги мошин намондааст!

Бузичаи алобуло,
Бузичаи баду бало,
Зи раҳ сиҳат гузаштааст,
Ба хайрият гузаштааст.
Гузашта, тавба кардааст,
Дигар чунин накардааст.

## ШАМОЛАК

– Дарвозаро кӣ кӯбад?
– Шамолак!
– Ҳавлии мо кӣ рӯбад?
– Шамолак!

– Дар пуштаҳо кӣ тозад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Шамолак!
– Бо сабзаҳо кӣ бозад?
– Шамолак!

– Ин гуна хуш кӣ хонад?
– Шамолак!
– Маънии он кӣ донад?
– Шамолак!

– Ин нозбӯ кӣ дорад?
– Шамолак!
– Дар ҷони мо кӣ форад?
– Шамолак!

## БАРФИ КАЛОН
(Шумурак)

Барфи калон ранги парак,
Омада аз авҷи фалак.

Рехта бар бедаки мо,
Ҳайфаки зарбедаки мо!

Бедаки мо баски маҳин,
Хам зада то сатҳи замин:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ту битакон барфаки бед!
Ту бикашон аз таки бед!

## ЗОҒИ АЛО

– Зоғи ало!
– Қарру қар!
– Зуд кушо болу пар!

Бас бувад ин ҷастухез,
Сайр бас аст ин қадар!

Фасли баҳор омада,
Омада вақти сафар!

Гарм ҳаво мешавад,
Боз нашав дарди сар?

Мешунавӣ ҳарфи ман,
Зоғи ало?
– Қарру қар!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ДАР ШИНОХТИ ШУМОРАҲО

0. Сифр чист? Як печ аст!
Дар шумора вай ҳеҷ аст!
1. Қадди Як расо бошад,
Ранги як асо бошад!
2. Ду мисоли қу зебост,
Қу мисоли Ду зебост.
3. Се бувад туро дар мушт,
Се ба сони се ангушт!
4. Даст агар бубардорӣ,
Пас дигар худат Чорӣ!
5. Панҷаат шумору санҷ,
Ҳар ду панҷаат – ду Панҷ!
6. Дар навиштан ояд Шаш,
Сар фурору по даркаш!
7. Пас, нигар, куҷо шуд Ҳафт?
Вай камар бубасту рафт!
8. Чун ду Сифр ҳамсар гашт,
Ҳосилаш чӣ омад? Ҳашт!
9. Баъди Ҳашти печон, ӯҳ,
Саркулӯла омад Нӯҳ!
10. Сифру Як чу ҳамраҳ шуд,
Пас шумора ҳам Даҳ шуд!

## АЗ ЯК ТО ДАҲ

Кас агар надонад Як,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зан варо як ангуштак!

Кас агар надонад Ду,
«2» бувад баҳои ӯ!

Кас агар надонад Се,
Пас дигар нахонад, не!

Кас агар надонад Чор,
Дар бимонад ӯ ночор!

Кас агар надонад Панҷ,
Ошакаш бигардад ланҷ!

Кас агар надонад Шаш,
Гӯшаки чапашро каш!

Кас агар надонад Ҳафт,
Вай куҷо тавонад рафт?!

Кас агар надонад Ҳашт,
Дарҳам аз хиҷолат гашт!

Кас агар надонад Нӯҳ,
Сар фурорад аз андӯҳ.

Кас агар надонад Даҳ,
Чун барад ба мактаб раҳ?!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ЯК ҶАМЪИ ДУ

Боре бигуфто Як ба Ду:
– Чанд аст ҷамъи ман ба ту?

Ду фикр карду гуфт:
– Ҳафт!
Бечора Як аз ҳуш рафт.

* * *

Се мешавад Як ҷамъи Ду,
Эй Дуи нодон, ҳайфи ту!

## ЯК ТАҚСИМИ ДУ

Як кори ганда шуд:
Як калла канда шуд!

Як каллаи калон,
Як каллаи гарон.

Як каллаи аҷиб,
Як каллаи базеб.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бе ҳеҷ канданаш
Афтид аз танаш.

Раҳ бурд бар замин,
Бархӯрд бар замин.

Тақсим шуд ба ду,
Во, каллаи каду!

## ДУ ЛОНА – ДАР ДӮЛОНА

Дар шохаки дӯлона
Пайдо шуда ду лона.

Ду лонаи ҳамсоя,
Ду лонаи ҳампоя.

Ду лона, ки ҳамвора
Ҷунбанда чу гаҳвора.

Ду лонаи ҳамчун дил,
Ду дил, ки ба ҳам моил.

Ду лона – пур аз ово,
Аз булбулак аст оё?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аз булбулак асло на,
Аз саъваяк ин лона!

## СЕГОНА

Се додаракон буданд,
Бе хоҳаракон буданд.

Се ёри қарин буданд,
Се тори зарин буданд.

Се бабри дамон буданд,
Се тобу тавон буданд.

Се ҷомаало буданд,
Се шӯху бало буданд.

Се марги мушак буданд,
Зеро ки… пушак буданд!

## СЕ ХУРМО

Бингар ин се хурморо,
Ҳар се гӯяд:
– Хур моро!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар сеяш ҳам хурмо нест,
Фанде бидҳад пур моро!

Ин ҳар се хурмо мебуд,
Чун мегуфт ин тур моро?

Мо хӯрем, аммо хӯрем
Танҳо се нохурморо.

Мебахшед, эй се хурмо,
Чун хурмонохур моро…

## СЕ САРИ БЕСАР

Дар чорроҳа
Се сар равонанд.
Бе майли хотир,
Бесар равонанд.

Ҳайрон намонед,
«Инҳо киҳоянд?»
Инҳо «киҳо» не,
Инҳо «чиҳо»-янд.

Албатта, инҳо
Инсон набошанд.
Инсон, ки бошанд,
Ин сон набошанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ин сон нагарданд
Се сар равона,
Бе майли хотир,
Бесар равона.

Охир, равон аст
Дар ин хиёбон
Сад гуна мошин
Ҳар сӯ шитобон.

Ронанда – тарсон,
Мардум – парешон,
Нозир таҷанг аст
Аз кори эшон.

Инҳо валекин
Парво надоранд,
Ақлеву ҳуше
Инҳо надоранд.

Қоидаи роҳ
Инҳо надонанд:
Инҳо на одам,
Инҳо харонанд!

ҚИССАИ ЯКУ ЯК



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Рӯзе Яку Як сайркунон дар раҳи хона
Гуфтанд сухан аз даҳу садҳову ҳазорон.
Ҷамъе зи куҷо омаду кард ин Яку Як Ду,
Як Ду чӣ кунад бе касу бе ҳамдаму ҳамсон?

Ду дар сари раҳ дид яке Зарбу ба вай гуфт:
– Эй Зарб, мадад кун, ки шавам ду Яки шаҳвор.
Аз дастаки Ду Зарб гирифту ба ду зад зарб,
Лекин нашуд ӯ ду Яку баръакс бишуд Чор.

Чор аз бараки Зарб бишуд дур ба сад дард,
Рафт ӯ сари роҳе пайи islоҳи чунин кор.
Як Тарҳи базеб омаду ду тарҳ аз ӯ кард,
Ду гашт ҳамон Чораки бечора ба ночор.

Тақсим яке дид, ки Ду яккаву танҳост,
Тақсим бикардаш зи раҳи меҳр ба ду боз.
Ду чун Яку Як гашт, ҳамон ду Яки танноз
Хамчун Яку Як хона бирафтанд сарафроз.

## ЯКУ ДУЮ ЯКУ ДУ…

Ду тан бо ҳам по мемонад,
Бо ҳам хуррам по мемонад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Инаш бо ду пояш нозад,
Онаш бо ҳар чораш тозад:
Яку дую яку ду,
Яку дую сею чор!

Инаш ҳарфе онро гӯяд,
Онаш хомӯш инро бӯяд.
Попӯше ин дар по дорад,
Пои луч он раҳ бигзорад:
Яку дую яку ду,
Яку дую сею чор!

Ҳар ду аммо якҷо гардад,
Ҳампаҳлӯю ҳампо гардад.
Ин як бачча, яъне Шерак,
Он як сагча, яъне Зирак:
Яку дую яку ду,
Яку дую сею чор!

## МАШҚИ ҲИСОБ

Аввал бо якто панҷа
Кас бишморад то панҷа.
Ин дастатро дору санҷ:
– Як, ду, сею чору панҷ!

Сонӣ бо дигар панҷа



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кас бишморад то панҷа.
Он дастатро дору санҷ:
– Як, ду, сею чору панҷ!

Гар ду дастат таҳ гардад,
Ҳар ду панҷат даҳ гардад.
Акнун худ бишмору санҷ:
– Як, ду, сею чору панҷ!

## МУБОРАКБОДӢ
(Аз А. Одинсова)

Шашсолаӣ ту акнун,
Шашсолагӣ муборак!
Шашсола – чашму бинӣ,
Шашсола – гӯшу торак.

Шашсола – ишками ту,
Шашсола – дасту поча.
Сар то қадам ту имрӯз
Шашсолаӣ, балоча!

Шаш кулча метавон хӯрд,
Шаш тарбузи алопар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шаш коса аз нишалло,
Шаш себу ноки дигар.

Аммо наметавон ёфт
Шаш ишками қаторак.
Бо як шикамчаат ҳам
Шашсолагӣ муборак!

## АНГУШТШУМОР

Бо ангуштам бишморам,
Осон гардад душворам:

Як, ду, се – бисёр осон,
Чору панҷ – аз пушти он.

Баъд ангушти шаш ояд,
Ҳафт аз пушти шаш ояд.

Сонӣ – ҳашту нӯҳу даҳ,
Сонӣ, сонӣ, сонӣ… Ваҳ!

Бисёр ангуштам мебуд,
Дониш дар муштам мебуд!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ЛАКЛАКШУМОР

Дар хонааш роҳат дошт
Як лаклак чун як лаклак.

Ногаҳ дид ӯ чандин саг
Тозон ояд бо «ак-ак».

Лаклак гуфт:
– Ин сагҳоро
Ҳоло бишморам як-як!

Пас бишмурд ӯ:
– Як! Як! Як!
Як! Як! Як! Як! Як! Як! Як!

Оё даҳто як чанд аст?
Чанд аст оё даҳто як?

Лаклак инро кай донад?
Кай донад инро лаклак?

Ҳар кас донад, чанд аст ин,
Дар таҳсинаш – як чак-чак!

## ДУ ГУНҶИШКУ ДУ ГУНҶИШК



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Ду гунҷишкак дар поён,
Ду гунҷишкак дар тор аст:
Ду гунҷишку ду гунҷишк?..
– Медонам! Ҷамъаш чор аст!

– Се гунҷишкак дар поён,
Се гунҷишкак дар тор аст:
Се гунҷишку се гунҷишк?
– Шаш гунҷишки тайёр аст!

– Шаш гунҷишкак дар поён,
Шаш гунҷишкак дар тор аст:
Шаш гунҷишку шаш гунҷишк?
– Ин… гунҷишки бисёр аст!

## НИШАСТИ ШУМОРАҲО

Омад Даҳу Нӯҳ бар ба бару даст ба даст,
Аз баҳри нишаст.

Ҳашт омаду худ ҳалқа дар ин давра бубаст,
Печону башаст.

Истод камар баста ба як пой, ки ҳаст,
Пас Ҳафти бадаст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шаш аз бари Панҷ омаду Чор аз бари Се,
Шодона басе.

Ду омаду пурсид: – Бубахшед маро,
Як нест чаро?

Як аз паси дар омаду хандон бини-шаст,
Пас нон бишикаст.

САНҶИШ

Як бор гуфто Ду ба Се:
– Чанд аст ҷамъи Чору Панҷ?
– Шаш бошад ин ё Ҳафт? Э… –
Санҷиш азобаш доду ранҷ. –

Ин Ҳашт бошад? Ё ки Нӯҳ?
Э, ҳар чӣ бодо, бод:
– Даҳ!
Нӯҳ ин шуниду гуфт:
– Ӯҳ!
Даҳ лаб газиду гуфт:
– Ваҳ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДАР БУЗУРГДОШТИ ШУМОРАИ СИФР

Сифр чист? Як печ аст?
Дар шумора вай ҳеҷ аст?

Ин гапест – нобуда!
Беасосу беҳуда!

Як аз ӯ бигардад даҳ!
Даҳ аз ӯ сад аст! Э, ваҳ!

Сад шавад ҳазор аз он!
Сад ҳазор чӣ? Миллион!

Ҳар адад, ки пеш ояд,
Даҳ раҳаш бияфзояд!

Пас чӣ гуна як печ аст?
Пас чӣ гуна вай ҳеҷ аст?

Пас кияш биёзурдаст?
Ҳеҷакаш кӣ бишмурдаст?!

## АЛЛА

Як дошт якто баччае,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Яктою танҳо баччае.

Як бор Як ҳангоми хуфт
Яктоякашро алла гуфт:

– Эй навбаҳорам, аллаё!
Эй сад ҳазорам, аллаё!

Эй ҷон ба ҷонам, аллаё!
Эй миллионам, аллаё!

Эй баччамардам, аллаё!
Эй миллиардам, аллаё!

Эй ифтихорам, аллаё!
Эй бешуморам, аллаё!

## ЧИЛМАНГӮШТАК

Чилмангӯштак мебошад
Азбаски чун сарангушт,

Чилмангӯштак меғунҷад
Азбаски осон дар мушт,

Чилмангӯштак надорад



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Азбаски дар бадан гӯшт,

Аз дилсӯзӣ одамҳо
Гӯянд ӯро:
 – Чил ман* гӯшт!

---

*1 ман – 8 пуд (128 кг).

БАҲОИ 5

Гулханда дар лаб оям,
Хандон зи мактаб оям.

Хандад чароғи ҷонам,
Бо ханда по бимонам.

Гӯям, дигар нахандам,
Аз ханда лаб бубандам.

Аммо наметавонам,
Хандад лабу даҳонам…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Одам баҳо бигирад,
Панҷи расо бигирад!

ДОДАРҶОН

– Шишта наметавонад?
Гашта наметавонад?
Гапро чаро нафаҳмад?
«Хап!»-ро чаро нафаҳмад?
Осудагӣ надорад?
Гаҳвораш нафорад?
Вай хандаро надонад?
Аз гиряаш намонад?
Модар, биё, бурораш!
Баргашта бар, супораш!
Гирёнакаш чӣ даркор?
Додарчаи дигар ор!
Модар биёрад ӯро,
Наздам бидорад ӯро:
– Ин тур нагӯ, писарҷон!
Бингар ба ӯ, писарҷон:
Эй хуш ба ҷону ҳолаш!
Чун холи туст холаш!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳамранги рӯю мӯят!
Ҳамсанги феълу хӯят!
Будӣ худат на кӯдак,
Будӣ чу як нахӯдак!
Акнун шудӣ дигар ту,
Будӣ аз ин батар ту!...
Аз шарм лаб бибандам,
Гирям ва ё бихандам?
Шояд чун ӯ набудам?
Пас ман чӣ гуна будам?

## НИНӢ

Модарҷонам дилгир аст,
Додарҷонам дилгир аст.

Ман – ғамгину Шукрона,
Хона не, ин – ғамхона!

Нинӣ мегиряд беист,
Дардаш моро равшан нест…

Модарҷонам хандон аст,
Додарҷонам хандон аст.

Ман – хандону Шукрона,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Қаҳ-қаҳ механдад хона.

Киро бинӣ, механдад,
Зеро нинӣ механдад!

## ГАҲВОРАКУШО

Хоҳад, ки Моҳпора
Хезад зи гоҳвора.
    Дасташ нахуст во кун,
    Пас пои вай раҳо кун.
Дасташ агар кушодӣ,
Чак-чак занад ба шодӣ.
    Пояш агар кушодӣ,
    Болаш дигар кушодӣ!
Ҳай, Моҳпора хезад,
Аз гоҳвора хезад.
    Монанди ҳур хезад,
    Бо шавқу шӯр хезад.
Аз дида нур хезад,
Аз дил сурур хезад.
    Ӯ шоду шод моем,
    Оғӯши худ кушоем.
Маҳпораҷони худро,
Як пора ҷони худро,
    Як-як ба бар бигирем,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз ҳамдигар бигирем.
Пур гардад аз вай оғӯш,
Пур дидаву дилу гӯш.
Чашми бад аз рухаш дур,
Як хонадон пур аз нур!
Танҳо зи Моҳпора
Холист гоҳвора.

## ДАНДОНБАРОРОН

Имрӯз хонаи мо
Идона зеб дорад,
Дар рӯи кулча чун хол
Сидона зеб дорад.

Оташ ба рақс хезад
Дар гирди деги тафсон,
Чун пунба макка хандад
Аз тафси реги тафсон.

Бирёни гандум имрӯз
Чун нӯши ҷон гуворост,
Оҳанги шӯхи сурнай
Дар гӯши ҷон гуворост.

Хуш рақси ходапое,
Монандаи манора,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Давраш гирифта мардум
Бо шавқи беканора.

Момо зи ҷӯши ғайрат
Бар чор сӯ шитобад,
Бобо зи шавқу ҳайрат
Мӯи лабаш битобад.

Бошад падар ба шодӣ
Монанди шоҳи олам,
Модар ба ҳусну хубӣ
Монанди моҳи олам.

Хешони дуру наздик
Хандида медароянд,
Моро ба шодмонӣ
Табрик менамоянд.

Як деҳа одам имрӯз
Хурсанду шоду хандон:
Охир, чӣ хуш, баровард
Эраҷ нахустдандон!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ФЕЪЛИ НИНӢ ДАР КУҶОСТ?

Бинаш, чӣ зебо нинист!
Чун зоча, аммо нинист!
Нинӣ аҷаб мӯ дорад,
Мижгону абрӯ дорад.
Рухсори хандон дорад,
Ҳатто ду дандон дорад.
Чашмони ӯ метобанд,
Оё киро мекобанд?
Ҳоло, ки ӯ меболад,
Як лаҳза пас менолад.
Гар як даҳан нон хӯрад,
Бо дусад алвон хӯрад.
Як нима хандон хӯрад,
Як нима гирён хӯрад.
Ниме ба бозӣ хӯрад,
Ниме арозӣ хӯрад.
Хобида нимаш хӯрад,
Ғелида нимаш хӯрад.
Як дам хушаш меояд,
Як дам ғашаш меояд.
Мо ҳам вале нодон не,
Дилтанг аз ину он не.
Бо ӯ забон меёбем,
Роҳи амон меёбем.
Охир, худат мебинӣ:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин зоча не, ин нинӣ.
Ҳар одаме, ки нинист,
Феълаш ба нӯки бинист!

## НИНӢ БА ПОЙ БАРХОСТ

Модар газида лабро?
Гум кард ё ки гапро?

Як сӯ – падар, чу хода?
Чашму даҳан – кушода?

Бону чаро хамӯш аст?
Ҳуш асту чашму гӯш аст?

Бурдаст аз чӣ Хандон
Мушташ ба зери дандон?

Дар хонадон чӣ гап шуд?
Бо одамон чӣ гап шуд?

Ҳайрону шоду тарсон –
Мондаст ҳар кӣ ҳар сон?

Бинам, миёни хона,
Гӯё ки дар фасона,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Истода рост нинӣ!
Хандон ба пост нинӣ!

## РОҲРАВӢ

Бархост ӯ аз ҷойи худ,
Истод ӯ бо пойи худ.

Аввал яке монд ӯ қадам,
Сонӣ бимонд ӯ ду қадам.

Сеюм қадам то монд боз,
Шерак шуду по монд соз.

Пас раҳравиро тан гирифт,
По-пойи по рафтан гирифт.

## ХУРДАК

Осон-осон механдад,
Осон-осон меранҷад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Осон бо худ мебозад,
Осон ё худ меёзад.

Осон мешинад ӯ соз,
Осон мегиряд ӯ боз.

Осон мегардад паҳлӯ,
Осон меғелад ҳар сӯ.

Осон бардорад фарёд,
Панд ӯ кай дорад дар ёд?

Дар ҳавлӣ ё меҳмонист,
Парвои дунёяш нест.

Оламро аз ҳою ҳу,
Бар сар мебардорад ӯ.

Ин одам кӯдак бошад,
Ин кӯдак хурдак бошад.

Осон чун меҷӯӣ ту
Одобу тартиб аз ӯ?

## БАХТИ БАЛАНД



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бошад равона шодон,
Хонад тарона шодон.
Озод аз чӣ шод аст?
Рӯ бар куҷо ниҳодаст?

Уммеди нофитодан,
Озод по ниҳодан,
Сабраш рабуда бошад?
Шавқаш фузуда бошад?

Домони модарашро,
Ё дасти хоҳарашро,
Дигар надорад Озод!
Худ по гузорад озод!

Бо пойи хеш рафтан,
Бо ройи хеш рафтан,
Бошад писанди одам!
Бахти баланди одам!

## МАН АЗ ҲАМА БАЛАНДАМ!

Оҳо, чӣ сон баландам!
То осмон баландам!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Монанди як чанорам!
Не, балки ман манорам!

Болотарам зи момо!
Болотарам зи бобо!

Ояд қади акоям
Танҳо ба банди поям!

Ин, баччаҳо, шумоед? –
Бозича менамоед!

Ин ман, ки сарбаландам!
Ман ин қадар баландам!...

Додо, маро дигар бор
Аз китфи худ нафурдор!

## БАЧЧАИ НАҒЗ

Дорои моро
Шояд шиносед?
Вай – баччаи нағз,
Бояд шиносед!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Фарҳоду Фирӯз,
Меҳрию Ширин
Бошанд ӯро
Ёрони дерин.

Нуру Зиёро
Дил банди Дорост,
Гӯё ки ҳар ду
Пайванди Дорост.

Киро ки бинед,
«Доро» бигӯяд,
Бо сад дилу ҷон
Ӯро биҷӯяд.

Ҳар кас дар ин ҷо
Бо вай шафиқ аст. –
Бо баччаи нағз
Ҳама рафиқ аст!

## ДУДОДАРОН

«Аз ту»-ю «аз ман» асло нагӯем,
Асло дурӯғу ноҷо нагӯем.
Бо ҳам бибозем, бо ҳам бихонем,
Бисёр бо ҳам мо меҳрубонем,
Дудодарони якҷисму ҷонем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гар бар яки мо коре супорӣ,
Они дигар ҳам ояд ба ёрӣ.
Бар ҳамдигар мо, то метавонем,
Дар кору хониш ёрӣ расонем,
Дудодарони якҷисму ҷонем.

Бо ҳам шафиқем, бо ҳам қаринем,
Бо ҳам битозем, бо ҳам нишинем.
Пои равоно, дасти тавоно,
Чун чашми бино, чун байти хоно,
Дудодарони якҷисму ҷонем.

Ҳастем бо ҳам ғамхору ёвар,
Бо ҳам мувофиқ, бо ҳам баробар.
Пайваста бо ҳам чун ширу шаккар,
Бо ҳам мисоли боли кабӯтар,
Дудодарони якҷисму ҷонем.

## БАҲОР

Обу ҳаво гарм шуд,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хок наму нарм шуд.

Барф чӣ хел об шуд?! –
Ғун шуду селоб шуд.

Пур ҳама ҷӯбор шуд,
Ҷӯ ҳама саршор шуд.

Кӯҳу даман сабз шуд,
Боғу чаман сабз шуд.

Сабза гилафрӯз шуд,
Лола дилафрӯз шуд.

Деҳа гулобод шуд,
Пиру ҷавон шод шуд.

## СӮҲБАТ БО САМО

– Ҳоло, Само,чӣ дорӣ?
Оё ба мо чӣ орӣ?

– Инак, ҳаво, ки дорам,
Баҳри шумо биёрам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Оё ҳаво чӣ дорад?
Аз баҳри мо чӣ орад?

– Абре варо ба дӯш аст,
Абре, ки дар хурӯш аст.

– Абраш дигар чӣ дорад?
Бар мо, бигӯ, чӣ борад?

– Борон, ки дорад ин абр,
Аз меҳр борад ин абр.

– Борон чӣ дорад оё?
Суде биёрад оё?

– Борон магар чӣ дорад? –
Борон ба ҳар кӣ форад!

Борон, ки борад афзун,
Файзе биёрад афзун.

Резад ба сабза обе,
Бахшад ба майса тобе.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сарсабз ёла гардад,
Рӯсурх лола гардад.

Ҳар рустанӣ бирӯяд,
Ҳар руста рӯ бишӯяд.

Борон – нумӯи гандум,
Не, оби рӯи мардум!

Борон – сафои олам,
Ҳусни расои олам.

– Борон, ки файз дорад,
Монаш, ки нағз борад!

## БОРОН ОМАД!

Борон омад!
Борон омад!
Ҳамчун дурру марҷон омад!

Дар шаҳру деҳ, дар дашту кӯҳ
Ин сон лутфу эҳсон омад!

Як осоиш, як афзоиш
Дар ҷисм омад, дар ҷон омад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Абри найсон гавҳарпошон
Аз ҷайбу аз домон омад.

Ҳар як чакра ҳамчун нуқта
Сарморо дар поён омад.

Рези борон дар гӯши ҷон
Ширин омад, форон омад.

Ин оҳанг аз борон бошад?
Ё чангиро илҳон омад?

Олам як сар чашму гӯш аст:
Борон омад!
Борон омад!

## ОФТОБАК

Аз хона Марҷон
Шодон буромад,
Аз зина Марҷон
Тозон фуромад.

То кӯча рафт ӯ
Бозӣ ба бозӣ,
Бо бачаҳо кард
Ӯ тоз-тозӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

На рӯймоле
Ӯ бар сараш баст,
На дастпӯшак
Пӯшид бар даст.

Аз барф дигар
Марҷон натарсад,
Дигар зи сармо
Марҷон наларзад.

Чун офтобак
Рахшад ба олам,
Гармиву шодӣ
Бахшад ба одам!

## ДАРВОЗАИ БАҲОР

Бо ранги дилнавозаш
Тирукамон барояд,
Шодон ба пешвозаш
Пиру ҷавон барояд.

Тирукамони зебо
Дар дидаҳо дурахшад,
Ҷону ҷаҳони моро
Нуру сафо бубахшад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сабзида ҳусни дунё,
То дил зи мо рабояд.
Ин ҳусни дилрабоpo
Тирукамон фазояд.

Доманкашон зимистон
Ҳоло фирор дорад,
Оё ба ҷайбу домон
Бӯи баҳор дорад?

Аз рангу бӯйи олам
Дилҳо чӣ беқарор аст!
Тирукамон, хаёлам,
Дарвозаи баҳор аст!

## ГУЛҲО

Гулҳо сафеду сурху кабуданд,
Хушрангубӯю зебонамуданд.

Ҳар ҷо ба ханда гаштанд моил,
Чун ханда хуше аз мо рабуданд.

Дилҳо зи шодӣ чун гул шукуфтанд,
Чун завқи моро гулҳо фузуданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мушкил забонро шуд кори гуфтан,
Пас розҳоро гулҳо суруданд.

Бикшод ҳар ҷо як ғунча чашме,
Сад чашм сӯяш дилро кушуданд.

Сад барги садбарг озод хондем,
Пайғоми сидқу меҳру друданд.

Кай зиндагиро хуш рангу бӯ буд,
Гар рангу бӯи гулҳо набуданд?!

## ЗАНБӮРИ АСАЛ

– Ҳар сӯ бупарӣ, занбӯр,
Шаҳде бубарӣ, занбӯр.

Донӣ ғазали ширин,
Хонӣ ғазали ширин.

Дорӣ амали некӯ,
Орӣ асали некӯ.

Бар ҳар гули тар шинӣ,
Ҳар зарра чу зар чинӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чун шабнами тиллоӣ
Бар хирманат афзоӣ.

Ғайрат бикунӣ бисёр
Ғафлат накунӣ зинҳор.

Гармо, ки кунӣ меҳнат,
Сармо чӣ кунӣ?
– Роҳат!

ДЕҲҶАР

Кишта чу қолин,
Пушта чу болин.
Дар бари кӯтал –
Ҷомаи бахмал.
Сар-сари марза –
Лолаю сабза.
Ҷангали анбӯҳ
Дода ба тан рӯҳ.
Чашмаи зебо
Бурда дил аз мо.
Саъваю булбул,
Чаҳ-чаҳу ғул-ғул.
Ин чӣ макон аст?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Роҳати ҷон аст!
Кишвари моро
Фасли чӣ ҳоло?
Фасли хазон аст,
Тирамаҳон аст.
Аз чӣ дар ин ҷо
Нав шуда гул во?
Ҳамчу баҳор аст?
Авҷу барор аст?
Иқлими Деҳҷар –
Олами дигар!

## ДОРБОЗӢ

Ин-на-ни-на! На-ни-на!
Тори дор – Одина.

Дар дасташ – лангарчӯб,
Гаҳ дар сим, гаҳ дар чӯб.

Тозон ӯ чун бод аст,
Дар ин кор устод аст.

Дар як ҷо биншинед,
Беғавғо биншинед.

Ҳеҷ аз мо пинҳон нест,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ин коре осон нест.

Ӯ тозад, мо шинем,
Ӯ бозад, мо бинем.

Сурнои̣, сурнай каш!
Карнои̣, карнай каш!

Аз ин дор, аз ин кор
Мо – рози̣ садҳо бор!

Тори дор – Одина,
На-ни-на! Ин-на-ни-на!

## ЧАШМА

Чашма бувад ҳамчун нур,
Чашма равад бо сурур.

Чашма кушояд нафас,
Чашма хуш ояд ба кас.

Чашма биёрад сафо,
Чашма чи̣ дорад?
Сахо!

Чашма чи̣ хонад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Суруд!

Чашма чӣ гӯяд?

Дуруд!

Чашма чаро беқарор?
Чашма куҷо расипор?

Чашма шитобад ба дур!
Чашма ба мардум зарур!

## АБРИ СИЁҲ

Рӯи саморо
Дина пагоҳӣ
Якбора пӯшонд
Абри сиёҳе.

Бар киштаи мо
Вай жолаҳо рехт,
Наврустаҳоро
Бо хок омехт.

Тӯпе сар афрохт
Бар зидди жола,
Чандин гулӯла
Кард он ҳавола.

Чун зарбаи тӯп
Аз ҳар тараф шуд,
Ин жолабориш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пас бартараф шуд.
Ҳоло ҳаво – хуб,
Ҳам осмон – соф,
Абри сияҳ нест
Дар гирду атроф.
Дигар начӯяд
Ин ҷо макон ӯ,
Ин ҷо наёбад
Дигар амон ӯ.
Борон биёрад,
Мо хайру хубем,
Гар жола борад,
Мо ҳам бикӯбем!

## СОЯБОН

Борон чӣ резабор аст!
Борони беқарор аст!

Як ҷои бename нест!
Дар кӯча одаме нест!

Чизе вале равон аст? –
Он якта соябон аст!

Як соябони ранга!
Гулҳош – танга-танга!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

О, ин чӣ соябон аст,
Ки худ ба худ равон аст?

Дар зери соябон кист?
Асрори соябон чист?...

Наздиктар биёед,
Чашм андаке кушоед:

Ин сеҳри ҷодувон нест,
Мӯъҷизаи ҷаҳон нест.

Як сода соябон аст,
Дар дасти Гулҷаҳон аст.

Вай духтари калон аст!
Ба мактабаш равон аст!

## НАВБАҲОРИ САБЗ

Ваҳ, чӣ дилнишин,
Ваҳ, чӣ нозанин:
Моҳии зарин
Моҳи нав барин!

Моҳии зарин
Моҳи нав барин
Хуш зияд дар ин



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Оби нуқрагин.

Оби нуқрагин
Лаб ба лаб дар ин
Ҳавзи беҳтарин –
Ҳавзи мармарин.

Дар канори ҳавз –
Навбаҳори сабз,
Чун манори сабз
Як чанори сабз.

Зери ин чанор
Кафтарон – қатор,
Чида беқарор
Донаҳои нор.

Ранги донаҳо
Мисли каҳрабо,
Дасти донапош –
Дасти Марҳабо.

## ЧАКРАБОРОН

Субҳи баҳорон
Дар сабзазорон
Тобад чу марҷон
Ҳар чакра борон.

Барги дарахтон
Чун дасти инсон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гӯё ки дорад
Як мушт марҷон.

Дасти баҳорон
Бар шохсорон
Пероя бандад
Аз чакраборон.

Зери дарахтон
Бар ину бар он
Дорад назора
Хандида Марҷон.

Дандони Марҷон –
Марҷони тобон,
Дар дида тобад
Чун чакраборон.

## ХУШНАВОЗ

Гиж-дангу дингу данге,
Чик-чангу чингу чанге…

Як машқи дилнавозе,
Оҳанги шӯху шанге!

Оё навои борон
Ояд аранг-аранге?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ё булбуле сарояд
Шайдои бӯю ранге?

Ё кабк нағма хонад
Дар тори тобасанге?

Ё оби чашма ғелад
Аз санг то ба санге?

Ё бод сабзаҳоро
Хуш ёфт дар яланге?

Ё чанг менавозад
Чангии шӯхчанге?

## ЛАЗЗАТ

Бо пеш агар бароӣ,
Бо пушт мефуроӣ.
Бо пеш мефуроӣ,
Бо пушт агар бароӣ.
        Бо пеш агар бароӣ,
        Чархи барин бубинӣ.
        Бо пушт агар бароӣ,
        Танҳо замин бубинӣ.
Ҳангоми паст рафтан
Бо шаст по фишорӣ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳангоми авҷ рафтан
Чун пар сабуксаворӣ.

Гӯё ки давр гардӣ
Сар то ба сари саморо:
Гардон бидида худро,
Гардон бидида моро.

Чун ихтиёри худро
Бар дасти бод додӣ,
Бодӣ шудиву шодӣ,
Шодӣ куниву бодӣ.

Хуш мезанад шамолак
Дар гӯши ту навое,
Хуш вақту соате хуш,
Хуш боду хуш ҳавое!

Алвончакат паёпай
Боло биёраду зер,
Аз лаззати саворӣ
Асло намешавӣ сер!

## САЁҲАТ

Хона, хона, дӯлона,
Дӯлона, хона, хона.

Дашту пушта, ҷӯю ҷар,
Паҳнову кӯҳу ёна.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гову аспу мурғу саг,
Хиргоҳе тобистона.

Як туту ду зардолу
Бо ҳам руста сегона.

Ояд ҳар дам дар чашмам
Тасвире аз афсона.

Мошин метозад бар пеш,
Дар пас мемонад хона.

Оё бошад чашмамро
Серӣ аз дидан? Ё на?

## ТИРУКАМОН

Шаҳри калон – пурғалаён,
Мардуми он – дар ҳаяҷон.

Дар бари он шаҳри калон
Гашта аён тирукамон!

Рӯз чӣ сон софу дар он
Чун шуд аён тирукамон?

Оҳ, чӣ сон тирукамон?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳусни макон! Зеби ҷаҳон!

Ҳам писарон, ҳам падарон
Баста бар он дидаашон.

Дидани он рӯҳу равон
Дода бар он пиру ҷавон.

Пиру ҷавон аз дилу ҷон
Шод зи он тирукамон.

Тирукамон гашта аён
Аз бари фонтани калон!

## САВОРӢ

Сари раҳ дарахтон – қатору қатор,
Сафедору зарбеду себу анор,
Гаҳ аз ин канору гаҳ аз он канор –
Чанору чанору чанору чанор.

Насими баҳори кӯҳистон вазад,
Навозад навое, ки ҷонпарвар аст.
Бари кӯҳу саҳро – аҷаб дилнишин,
Ҳавое, ҳавое, ки ҷонпарвар аст.

Равонам, равонам ба монанди бод,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Равонам, гумонам, ки худ мепарам.
Сарам чарх гардад ба мисли замин,
Замин чарх гардад ба мисли сарам.

Надонам, равонам шитобон ба пеш,
Ва ё раҳ бигардад шитобон ба пас?
Савори дучарха тамошои деҳ
Ҷаҳоне ҳаловат бубахшад ба кас!

## ЗАРГӮШАК

Заргӯшаки накӯям,
Гӯям ва ё нагӯям?

Ранҷидаӣ чаро ту?
Бад дидаӣ маро ту?

Хоҳам, ки шод бозӣ,
Ҳар сӯ чу бод тозӣ.

Диққи нафас нашинӣ,
Ранҷи қафас набинӣ.

Аммо чӣ зишт кардӣ?! –
Паймоли кишт кардӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гулҳои мо бикандӣ,
Дар обу гил фикандӣ.

Кас носипос бошад,
Ҳадношинос бошад,

Дилшод чун бимонад?
Озод чун бимонад?

## ҚУРБОҚАИ НАҚШИН

«Нағмаи қурбоқа бад»?
Ин гапи фаҷро кӣ зад?
«Сурати қурбоқа зишт»?
Кист, ки ин бад навишт?
«Афту намудаш – ба гӯр»?
Гӯш накун! Ғам махӯр!
Ин ҳама гапҳои муфт
Беадабе гуфт, гуфт!
Ин гилаҳоро бимон,
Шоду гуворо бихон.
Дил бубарад нақши ту,
Нағмаи ҷонбахши ту.
Лунҷат агар дам шавад,
Ҳусни туро зам шавад.
Садқаи овози ту,
Зам-замаи рози ту!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сурнаи худ соз кун!
Саҳнаи худ боз кун!
Консертат оғоз кун!
Аз ҳунарат ноз кун!

## ҚУРБОҚАҲО КУҶОЯНД?

– Чак-чаку чак! – Бибoрад
Шодона чакраборон.
– Вақ-ваку вақ! – Бихонад
Қурбоқабачча форон.
Қурбоқаоча аз об
Бо тарс мебарояд.
Мегӯяд: – Аз чӣ то ҳол
Ақлат намедарояд?
Бемор агар шавӣ ту,
Чӣ мешавад, писарҷон?
Пинҳон зи чакраборон
Кӣ мешавад, писарҷон?!
Қулбас занад ба як бор
Ду ҷои оби ҳавзак,
Ду ҳалқамавҷ тозад
Болои оби ҳавзак…
Акнун садои борон
Як-як ба гӯш ояд,
Об аз чакочаки он
Гӯё ба ҷӯш ояд.
Қурбоқаҳои хушхон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Яксар хамӯш гашта,
Ҳавз аз пайи шунидан
Чун ҳавзи гӯш гашта.

Қурбоқаҳо куҷоянд?
Дар зери обҳоянд! –
Аз тарси таршавимон
Берун намебароянд.

## АСКАР

Аз ӯҳдаи ҳама кор
Осон бараояд аскар,
Лозим шавад, ба оташ
Тозон дароияд аскар.

Аскар наҷӯяд асло
Болин куҷою бистар,
Дар рӯи сангу оҳан
Осуда хобад аскар.

Чизе расад барояш,
Бошад варо кифоят,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аскар надорад асло
Аз бешу кам шикоят.

Сахтӣ расад, ба сахтӣ
Одат кунад ҳамоно,
Аскар бувад фидокор,
Аскар бувад тавоно.

Ин гуна кас набошад,
Бошад чӣ гуна ӯ кас?
Пас ӯ набошад аскар,
Аскар набошад ӯ пас!

## АСКАР БУДАН БОЗӢ НЕСТ

Фардо, ки навбат ояд,
Дар саф чу аскар ойӣ.
Монанди марди майдон
Дар пеши лашкар ойӣ.

Дар рӯзгори ҳарбӣ
Одат кунӣ аз ин пас.
Душвор агар биёяд,
Тоқат кунӣ аз ин пас.

Ин ҷо дигар низом аст,
Кору гап аст дигар.
Бисёр машқу санҷиш
Дар ӯҳда дорад аскар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ин ҷо на кори осон,
Не шуғли нарму чарб аст,
Душворнописандӣ
Қонуни ҳарбу зарб аст.

Ранҷад зи хеш, агар кас
Розӣ набошад ин бор.
Бояд ки нағз донист:
Бозӣ набошад ин кор!

Аскар ки гашта бошӣ,
Ҳамранги аскарон бош!
Ҳамранг буданат чист?
Ҳамсанги аскарон бош!

Дар байни аскарон аст
Ин гуна байти фарде:
Аскар набуда бошад,
Марде чӣ гуна марде?!

## АСКАР ЧӢ КОР ДОРАД?

Кишвар, ки тинҷ бошад,
Аскар чӣ кор дорад?
Аскар, агар наҷангад,
Дигар чӣ кор дорад?

Аскар бино бисозад,
Ё раҳ кушояд аскар.
Аскар ба илм кӯшад,
Ё озмояд аскар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вай ҳарбу зарб дорад
Ғелидаву хазида,
Аз бораву ялангӣ,
Истодаву давида.

Вай машқи тир дорад
Рӯзонаву шабона,
То тири худ нишонад
Дар синаи нишона.

Ин боғу ин чаманро
Аскар кунад ҳимоят.
Сар то сари Ватанро
Аскар кунад ҳимоят.

Бошад Ватан барояш
Монанди модари ҷон,
Меҳри Ватан фурӯзад
Дар ҷони аскари ҷон.

Осуда чун нишинад,
Аскар, ки нанг дорад? –
Ё ҷанг дорад артиш,
Ё машқи ҷанг дорад!

## АСКАР ЧӢ МЕНАВИСАД?

Пайғоми дӯстонро
Аскар ки интизор аст,
Пайғоми дӯст онро
Бахшандаи қарор аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз нома барқи шодӣ
Дар ҷони ӯ дурахшад.
Не, балки номаи дӯст
Як ҷони тоза бахшад.

Дар номаи ҷавобӣ
Аскар чӣ менависад?
Ҳаргиз гумон мадоред,
Вай ҳар чӣ менависад!

Бинвисад ӯ, ки «Ҳастам,
Шукри худо, саломат,
То хидмати Ватанро
Сидқан диҳам давомат».

Ҷои шикоят ояд,
Вай лаб фурӯ бубандад,
Мардони ҳарзагӯро
Аскар намеписандад.

Бемор ҳам ки бошад,
«Ҳастам сиҳат» – нависад:
Андешад аввал аскар,
В-он гоҳ хат нависед.

## ДАР МАКТАБИ АСКАРӢ

Дар аскарӣ ба ҳар кор
Ёбӣ равишу роҳе:
Донӣ, агар надонӣ,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хоҳӣ, агар нахоҳӣ.

Дар аскарӣ шавад кас
Ҳушёру зираку зӯр,
Ноҷӯр агар бувад кас,
Маҷбур, ки шавад ҷӯр.

Доно агар набошад,
Доно шавад дар ин ҷо,
Сарчашмаи муродаш
Дарё шавад дар ин ҷо.

Сад беҳунар ки бошад,
Соҳибҳунар шавад кас,
Дар аскарӣ, бародар,
Чизи дигар шавад кас!

## БОНГИ ХАТАР

Ними шаб асту ногоҳ
Бонги хатар ситезад,
Аз ҷогаҳаш ту тире
Аскар парида хезад.

Чуст ӯ либоси худро
Дар як нафас бипӯшад,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар корбасти фармон
Бо ҷону дил бикӯшад.

Рӯзона ё шабона,
Гармост ё ки сармост,
Аскар ҳамеша тайёр,
Аскар ҳамеша барпост.

Ҳар гаҳ зи ҳар куҷое
Бонги хатар барояд,
Чун чора бар сари кор
Дарвақт аскар ояд.

## САХТ АСТ МАШҚИ ҲАРБӢ…

Аскар ба машқи ҳарбӣ
Мардона рӯ ниҳодаст,
Аз роҳи худ нагардад,
Гар ранҷи ӯ зиёд аст.

Сад роҳи касмараавро
Тай мекунад дигар вай,
Парвои худ дар ин роҳ
Кай мекунад дигар вай?!

Дар рӯ ба рӯи аскар
Сад банди мушкил ояд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар рафъи мушкилот ӯ
Чун фарди пурдил ояд.

Ин ҳикматаш физояд
Як ҷони тоза дар ҷон:
Сахт аст машқи ҳарбӣ –
Саҳл аст рӯзи майдон!

## ДАР ПОСГОҲ

Дар посгоҳ аскар
Бошад ҳамеша ҳушёр,
Омодаасту ҳозир
Чун чорагар ба ҳар кор.

Як мӯраке хазад ҳам,
Аскар хабар биёбад,
Ё бодаке вазад ҳам,
Аскар хабар биёбад.

Аз чашми тезбинаш
Чизе ниҳон набошад,
Чизе набошад ин ҷо,
К-онро нишон набошад.

Аз баски бар Ватан ӯ
Меҳру сипос дорад,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳар гӯшаи Ватанро
Мардона пос дорад!

## ХАТИ АМОНӢ

Дар шоми торик,
Дар рӯзи равшан,
Ин роҳ бошад
Роҳи муайян.

Дар вай равона
Аскар пасу пеш,
Ҳар як ваҷабро
Бинмуда тафтиш.

Автомат ӯро
Доим ба дӯш аст,
Ин ҷо саропо
Ӯ чашму гӯш аст.

Хушк аст ё тар,
Гарм аст ё сард,
Биме надорад
Ҳаргиз ҷавонмард.

Гӯё ки бошад
Вай банди ин роҳ,
Чашму дилу ҷон –
Пайванди ин роҳ.

Ин роҳ бошад
Чун рӯҳи мо пок,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нагзорад ин ҷо
Кас пои нопок.
Ин роҳи сарҳад –
Хатти амонӣ,
Як дам намонад
Бедидбонӣ!

## ФАРМОНДЕҲ

Ҳангоми машқу хидмат
Фармондеҳ асту афсар:
Фармояду бисанҷад
Зӯру тавони аскар.

Ҳангоми истироҳат
Донӣ, чӣ гуна бошад?
Ҳеҷ ошно, ту гӯӣ,
Монанди ӯ набошад.

Ӯ ҳозир асту нозир
Дар ҷумла кори аскар,
Худ бигзарад ҳаёташ
Ҳамроҳи аскар аксар.

Фармондеҳ аскаронро
Устоди меҳрубон аст,
Иҷрои гуфтаҳояш



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Қонуни аскарон аст.

## БОВАРӢ

Лашкаркаше се танро
Наздики хеш хонад.
Махфӣ супоришеро
Дар пеши ҳар се монад.

– Кӣ меравад ба ин кор?
Аз рӯи сидқу бовар?
– Мо меравем! – Гӯяд
Ҳар се нафар баробар.

– Не, – гӯяд ӯ, – ба ин кор
Як тан шавад сафарбар!
– Ман!
                    – Ман!
– Ман! – Ин сафар ҳам
Гӯяд се тан баробар…

Аскар ба қудрати худ
Дорад ҳамеша бовар,
Худбоварӣ силоҳест
Дар ҷони ҳар диловар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ПАРЧАМИ ҚИСМ

Парчам бувад муқаддас
Чун шаъну шони аскар,
Ҳамранги хуни аскар,
Ҳамсанги ҷони аскар.

Илҳомбахши аскар
Ҳангоми ҷанг – парчам,
Ҳодии фатҳу нусрат,
Номусу нанг – парчам.

Парчам, ки пар фишонад,
Нури зафар фишонад,
Зӯру тавон бубахшад,
Бар фатҳи нав бихонад.

Аскар барои парчам
Ҷонро ба каф бигирад,
Нагзорад ин, ки душман
Онро ҳадаф бигирад.

Парчам бувад муқаддас
Чун шаъну шони аскар,
Ҳамранги хуни аскар,
Ҳамсанги ҷони аскар!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## СНАЙПЕР

Даврон – снайпер,
Яъне нишонгир.

Як қисм донад:
Гар вай паронад.

Монад гумонро,
Гирад нишонро.

Бо ин ҳунарвар
Гаштан баробар.

Асло ниҳон нест,
Душвор корест.

Аммо зи як сар
Бояд ки лашкар –

Бошад нишонгир,
Бошад снайпер.

В-арна зи сад ҷанг,
Аз тӯпу аз танк.

Аз ҷаҳду тартиш,
Аз лашкари беш.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ҚИМАТИ ВАҚТ

Вақт аз барои мардум
Ҳарчанд бас гарон аст,
Аммо гаронтар аз он
Дар пеши аскарон аст.

Бояд ки бар сари кор
Дар вақташ ояд аскар,
Ҳар бандро ба вақташ
Бояд кушояд аскар.

Ҳангоми хидмат аскар
Пайваста дар шитоб аст,
Дар гиру дори ҳарбӣ
Ҳар лаҳза дар ҳисоб аст.

Фурсат ба рӯзи майдон
Зеро гаронтар ояд,
Ҳар лаҳзаи ғанимат
Бо ҷон баробар ояд.

Чун маргу зист ин ҷо
Дар рӯ ба рӯ ситодаст,
Дар доду бурди ин ду
Як лаҳза ҳам зиёд аст.

Вақт аз барои мардум
Ҳарчанд бас гарон аст,
Аммо гаронтар аз он
Дар пеши аскарон аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БА КӢ ОСОНУ БА КӢ ДУШВОР?

Хидмат ба кист душвор?
Хидмат ба кист осон?
Аввал ба ман бигӯед:
Аскар чӣ гуна инсон?

Хидмат ба кист душвор?
Хидмат ба кист осон? –
Гар тарсакест, душвор!
Гар шеракест, осон!

Коно бувад агар кас,
Хидмат ба ӯст душвор!
Душвори ӯ бигардад
Бар дӯши ҳамсафон бор.

Доно бувад агар кас,
Хидмат ба ӯст осон!
Ҳатто ба дигарон ӯ
Ёрӣ расонад аз ҷон.

Хидмат ба ӯст душвор,
Гар бесар асту сомон,
Ба одаме ки хоҳад,
Хидмат тамоман осон.

Оё дигар чӣ гӯям
Аз хидмати сипоҳон? –
Хидмат ба кист душвор?
Хидмат ба кист осон?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ҲАМХИДМАТОН

Ин – аз вилояти дур,
Онаш – зи шаҳри наздик,
Ҳар гуна қавму миллат –
Фарзанди мулки тоҷик.

Бошад агарчи садранг
Рафтору хулқу хӯшон,
Яксон хуранду пӯшанд,
Якдил зиянду якҷон.

Аҳланду иттифоқанд,
Ёру бародар онҳо,
Хидмат кунанду роҳат
Бо ҳам баробар онҳо.

Қарзе бувад ягона
Бар аскару ба афсар:
Мардона кору хидмат
Дар ҳифзи халқу кишвар.

Ҳамхидматон, ки рӯзе
Рӯ сӯи манзил оранд,
Меҳру сафои ёрон
Дар ҷону дар дил оранд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ЗИНДА БОШӢ!

Эй аскар, эй бародар,
Як марди ҷонфидоӣ!
Пушту панохҳи кишвар,
Пушту панохҳи моӣ!

То посбони сулҳӣ,
Мо дар амони сулҳем.
То дар ҷаҳон ту бошӣ,
Мо дар ҷаҳони сулҳем.

Душман агар бихезад,
Бо қасди ҷонситонӣ,
Онӣ, ки душманонро
Дар ҷояшон нишонӣ.

Бо нағзҳо, ки нағзӣ,
Бо ганда ганда бошӣ.
Ҳомии мо, ки ҳастӣ,
Пирӯзу зинда бошӣ!

## БОШАД, КИ!..



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хуш аскаре, ки ин сон
Инсони пуртавон аст.
Озода асту пуркор,
Ҷиддиву меҳрубон аст.

Ҳампешаро бубинад,
Хуш медиҳад саломаш:
Болои дида монад
Ангушти эҳтиромаш.

Чун аскаре ба аскар
Хоҳам, диҳам саломе,
Хоҳам, ки по гузорам
Ин гуна чун низомӣ.

Ҳар бор агар бубинад,
Бар вай барад ҳасад кас.
То синну соли аскар
Бошад, ки худ расад кас!

## ГУСЕЛ ВА ПЕШВОЗ

Модар гусел чун кард
Фарзанди худ ба артиш,
Шодию ғам фузун кард
Дар дил талошу тартиш.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шодон аз он ки дорад
Ин гуна гулписар вай,
Лозим бишуд Ватанро
Имрӯз чун сипар вай.

Ғамгин аз он ки акнун
Ӯро чӣ ояд аз пеш?
Оё тавонад ӯ зист
Бо зӯру қудрати хеш?

Як лаҳза ханда дар лаб,
Як лаҳза дидааш тар,
Дилшод чун Ватандор,
Дилреш ҳамчу модар.

Бо гиря шаҳд хандид,
Бо ханда талх бигрист.
Донист модари зор:
Ҷуз сабр чорааш нест!

Як рӯз нома омад
Бар номи модари ҷон,
Бинҳод аз сари меҳр
Ӯ нома дар бари ҷон…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пайваста нома бинвишт
Аскар ба номи модар,
Равшан чу рӯз медошт
Бо нома шоми модар.

Рӯзе расиду аскар
Қарзи Ватан адо кард,
Баргашту модарашро
Аз банди ғам раҳо кард.

Чашмони модар аз нав
Чун абри навбаҳорон:
Дирӯза баччаи ӯ
Баргашта марди майдон!

## МАН АСКАРАМ ВА Ё МАН?

Баъд аз адои хидмат
Омад акои Баҳман,
Пӯшоки аскариро
Вай ҳадя кард бар ман.

Чун аскарон либосаш
Як-як ба бар кашидам.
Ҳам каллапӯши сабзаш
То ними сар кашидам.

Бо тасмаи базебаш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Маҳкам камар бубастам.
Оинаро гирифтам,
Бар худ назар бубастам.

Бинам, ки ман худам не,
Ман дигарам тамоман!
– Эй ошно, маро бин:
Ман аскарам ва ё ман?

## СУРУДИ НАВАСКАРОН

Мо, аскарони навҷавон,
Як радда чун як тан равон,
Дар машқи ҳарбӣ мешавем
Ҳар як далеру паҳлавон.

Нақарот:
Бигзор, бошанд одамон
Осудаҳолу дар амон!
Кору гапи сулҳу ризо
Бошад гапу кори ҷаҳон!

То пуштибони халқи хеш,
То бораи кишвар шавем.
Устоди касби аскарӣ
Сар то сари лашкар шавем.

Нақарот.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар машқ доно мешавем,
Зӯру тавоно мешавем,
Ҳомии марзу буми хеш
Дар рӯи дунё мешавем.

Нақарот.

САЛОМ!

Эй тоҷи сар, салом!
Эй хушназар, салом!
Эй он, ки ногапӣ,
Бар ман нигар, салом!
Аз як саломи гарм
Равшан шавад диле,
Аз як каломи гарм
Гулшан шавад диле.
Ширин ишорае
Бошад ҳузури дил,
Тобон назорае
Тобад чу нури дил.
Як чеҳраи кушод
Гар ҷилвагар шавад,
Чун аз рухи мурод



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҷон тозатар шавад.
Гар як каломи гарм
Қимат ниҳоят аст,
Танҳо саломи гарм
Моро кифоят аст.
Эй тоҷи сар, салом!
Эй хушназар, салом!
Эй он, ки ногапӣ,
Бар ман нигар, салом!

## АЗ ТАҲТИ ДИЛ БИХОНЕМ!

Бояд, ки рӯз то рӯз
Мо бештар бидонем,
Дар роҳи илму дониш
По пештар бимонем!
Шаҳру деҳоти дигар
Бояд бино намоем,
Бар рӯдҳои кишвар
Маҷрои нав кушоем.
Бояд, ки аз дили хок
Мо ганҷ берун орем,
Дар роҳи фатҳи кайҳон
Худ ҳиссае гузорем.
Дар ҳифзи сулҳи олам
Бояд мадад расонем,
То роҳи сулҳ ҷӯем,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

То даври сулҳ ронем.
Ин гуна корҳоро
Фардо чӣ кас тавонад?
Танҳо касе, ки ҳоло
Аз таҳти дил бихонад!
Бояд, ки рӯз то рӯз
Мо бештар бидонем,
Дар роҳи илму дониш
По пештар бимонем!

КАМУ БЕШ

Дорад Диловар
Ёрони бисёр:
Гурҷиву озар,
Афғону тотор.
Гирад зи онҳо
Пайваста нома,
Гаҳ якта, гоҳе
Як даста нома.
Сад хат нависад,
Сад хат бихонад,
Вай хастагиро
Асло надонад.
Як бор гуфтам:
– Касро чӣ суд аст,
Гар дӯст ӯро
Аз ҳад фузудаст?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хандон бигуфт ӯ
Бо шеваи хеш:
– Сад дӯстат – кам,
Як душманат – беш!..
Ёрони бисёр
Ман дорам акнун,
Аз меҳри онҳо
Дил – шоду мамнун.
Бигзор донад
Бегонаву хеш:
Сад дӯстат – кам,
Як душманат – беш!

## ДУ ДУХТАРИ ХОНАНДА

Як тан, вале ду сар,
Бар пеши по хаманд.
Беёду бехабар
Печида бо ҳаманд.
Гӯё аз ин ҷаҳон
Дарҳам нуҳуфтаанд,
Бо дидагони боз
Гӯё ки хуфтаанд.
Ҳамбину ҳамнишин,
Ҳамфикру ҳамхаёл,
Дар авҷи орзу
Бо ҳам кушода бол.
Побанди сад савол,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷӯеи сад ҷавоб,
Ҳамрӯҳу ҳамнафас
Машғули кобу ёб:
Ҳозир чӣ рӯй дод?
Ҳолӣ чӣ мешавад?
Дар ҳаққу ноҳақӣ
Ғолиб кӣ мешавад?..
Бо ҳам дугонаанд
Ин «як тану ду сар»,
Печида бо ҳаманд
Беёду бехабар.
Дар ҷони ҳар душон –
Як шӯру изтироб,
Зеро ки ин ду кас
Хонанд як китоб.

## ПОКИЗАГӢ

Як баччаяк аз кӯча
Бар хона давон омад,
Ношуста вале дасташ
Вай бар сари хон омад.
Чун об гузашт аз дил
Ӯро, ки бишӯяд даст,
Нафсаш ки баланд омад,
Вай бар сари хон шуд паст.
Як бурдаи нон бигрифт,
Як луқма вай аз нон хӯрд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо дастаки ношуста
Нон хӯрду пушаймон хӯрд.

Дар пеши гулӯяш нон,
Дар кунҷи дилаш ғаш монд,
Вай бурдаи нонашро
Оҳиста ба ҷояш монд.

Барҷасту бишуст ӯ даст,
Чун ғунча шукуфон шуд.
Покиза чу шуд дасташ,
Покиза дилу ҷон шуд.

Бо дасту дили тоза
Одам бихӯрад гар нон,
Ошаш бишавад бар тан!
Нӯшаш бишавад бар ҷон!

## КУЛЧА ЧАРО ШИРИН АСТ?

Бай-бай, чӣ мазза дорад?
Ин кулча ҷазза дорад?

Ё аз мавиз бошад,
К-ин сон лазиз бошад?

Ҳай, таъми нағз дорад,
Ин балки мағз дорад?!

Ё рӯғанаш, ки зард аст,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ин сон бамазза кардаст?

Ё ордаш, ки аълост,
Дар коми кас чу ҳалвост?

Сир ё ки дар хамир аст? –
Шӯридае зи шир аст?

Рангаш чӣ сон банур аст?!
Гап ё ки дар танӯр аст?

Бӯяш чӣ? Касмапурс аст!
Ё ҳезумаш зи бурс аст?

Мондаст аловмонаш
Ё аз алови ҷонаш?

Ин ҳусни кулча аз чист? –
Бинаш, ки кулчапаз кист?!

## ПАЗМОНӢ

Тозам, тозам, боло тозам,
Ҳамчун боди саҳро тозам.
Бар ҳавлии бобо тозам,
Бар дидори момо тозам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хонам, хонам, шодон хонам,
Гаҳ мушкил, гаҳ осон хонам.
Гар ин хонам ё он хонам,
Аз аввал то поён хонам.

Паррам, паррам, чандон паррам,
То бар авҷи кайҳон паррам.
Гар то моҳи тобон паррам,
Пас то хуршед осон паррам.

Оям, оям, тозон оям,
Бо сар, бо дил, бо ҷон оям.
Хандон оям, гирён оям,
Модарҷонро пазмон оям!

## АНДЕША

Ногаҳ дар ошхона
Афтид коса аз даст…
Хандид бахтам оё? –
Афтиду лек нашкаст!

Хандид модари ҷон,
Бурд ӯ ба китфи ман даст.
Гуфт: – Ин нишони хубист,
Хайрият ин ки нашкаст!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бардоштам, дигар бор
Афтид коса аз даст…
Баръакс шуд магар кор? –
Ин дафъа коса бишкаст!

Модар ҳамон ба ханда
Афшонд сӯйи он даст.
Гуфт: – Ин нишони хубист,
Хайрият ин, ки бишкаст!

Байни бадиву хубӣ
Ҳад ҳаст? Ё ки ҳад нест?
Ин ҳар ду хуб бошад,
Бад ҳаст? Ё ки бад нест?

## ОИНАИ КИРДОР

Дар хам-хами пешонӣ
Аз чист дуто дида? –
Фарқи раҳу чаҳ тонӣ
Бо дида ту то дида.

Дар байни ду чашмонат
Бинӣ, ки чу ҳад бинист:
Андозаи неку бад
Дар ғояти ҳадбинист.

Аз ду бари сар дорӣ
Ду гӯшаки ҳамчун най –
Ҳар панд, ки бишнидӣ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

То ҳалқа кунӣ дар вай.
Дар ду бари китфонат
Ду даст аз он дорӣ,
То бо ин агар гирӣ,
Бо он бидиҳӣ боре.
Дар банди миён аз он
Ду пойи равон дорӣ,
Аз худ наравӣ то боз,
Худро ба миён дорӣ.
Як дил ва забоне як
Донӣ, ки аз он бошад:
Ҳар гап ба дилат бошад,
Онат ба забон бошад.
Майле ки ба дил дорӣ,
Амре ки ба сар дорӣ,
Оинаи кирдор аст:
Бингар, чӣ ҳунар дорӣ?!

## ОЛАМ – АҶОИБ

Пеш бигардӣ равон,
Пеш ниҳӣ пой,
В-арна бимонӣ ҳамон
Дар сари як ҷой.
Гар нигарӣ сӯйи кас,
Кас бишиносӣ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гар нигарӣ сӯйи хас,
Хас бишиносӣ.
Завқ барӣ, мебарад
Завқи ту озор,
Ғусса хӯрӣ, мехӯрад
Ғусса туро зор.
Хонда равӣ, меравӣ
Дар раҳи хониш,
Монда равӣ, меравӣ
Дар раҳи мониш.
Кор кунӣ, мешавад
Музди ту ҳосил,
Хоб равӣ, меравад
Умри ту зоил.
Ҳозир, агар ҳозирӣ,
В-арна чӣ? Ғоиб!
Ҷӯра, агар нозирӣ,
Олам – аҷоиб!

## МОВУ ТУ ЯК КАСЕМ

(Барои кӯдаки парваришгоҳ)

Мову ту якдилем,
Мову ту як касем,
Рӯзе ба бахти худ
Мову ту мерасем.
Ҳастем мову ту



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гулҳои як чаман,
Гулбонги як суруд,
Гулҳарфи як сухан.

Мо чун кабӯтарем
Ҳамболу ҳамнаво,
Ин ҷо ману турост
Як бому як ҳаво.

Гар модару падар
Моро намондааст,
Моро Падар-Ватан
Фарзанд хондааст.

Мову ту бехабар
Пайванд гаштаем,
Аз рӯи ҳамдигар
Хурсанд гаштаем.

Мову ту якдилем,
Мову ту як касем,
Рӯзе ба бахти худ
Мову ту мерасем.

## ҒАНАБ

Ширину бо ҳавас
Хамёза мекашам.
О, аз чӣ ҳар нафас
Хамёза мекашам?

Чашмам чаро чунин
Пӯшида мешавад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар сӯ чаро сарам
Ғелида меравад?
Охир, маро хаёл
Ҳар дам чӣ мебарад?
Аз дасти ман китоб
Ҳар дам чӣ мепарад?
Ин дастҳо магар
Дастони ман наянд?
Ин пойҳои зор
Ё берагу паянд?
Пӯшам ба пушти даст
Дарвозаи даҳон,
Набвад маро дигар
Парвои ин ҷаҳон.
Ояд ба гӯши ман
Афсонаҳои хоб…
Оҳиста мекашам
Худро ба ҷои хоб.

## ҚИССАИ ХОБ

Як шаби маҳтоб буд,
Айни дами хоб буд.

Тахт ҳама кор буд,
Ҷогаҳи шаҳвор буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Болишаке нарм буд,
Бистараке гарм буд.

Қолинаке ноз буд,
Рӯи кате боз буд.

Ҳай, кати хушрӯй буд,
Дар бараки ҷӯй буд.

Дар бари ҷӯ боғ буд,
Боғаки Деҳроғ буд.

Деҳаи ором буд,
Хонаи бобом буд.

Вақти ҷудо нағз буд,
Киса пури мағз буд.

Коса пури об буд,
Дида пури хоб буд.

Оҳ, сарам тоб хӯрд,
Воҳ, маро хоб бурд…

## ХОБИ МАҲ

Як нимаи шаб



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бедор гаштам.
Бинам, ки маҳ нест,
Ҳушёр гаштам.

Аз аввали шаб
Дар ханда буд маҳ.
Ҳангоми хуфтан
Тобанда буд маҳ.

Ҳоло чаро шаб
Торик бошад?
Ё рӯзи рӯшан
Наздик бошад?

Ҳо, маҳ ба сӯе
Паҳлӯ кашидаст.
Як пора абре
Дар рӯ кашидаст.

Осуда аз тоб
Хоб аст маҳтоб.
Ман ҳам бирафтам
Осудаяк хоб.

## ҲАМСАФАР

Ман ки чу гул нишастаам,
Дар бари рул нишастаам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мошини соз ҳай кунам,
Роҳи дароз тай кунам.

Аз лаби баҳр бигзарам,
Аз бари шаҳр бигзарам.

Сар-сари ағбаҳо равам,
Бар-бари қуллаҳо равам.

Гаҳ ки баланд меравам,
Ҳамчу даванд меравам,

Гаҳ ки ба паст меравам,
Ваҳ, чӣ ба шаст меравам.

Донамашу надонамаш,
Ронамашу наронамаш.

Чунки падар – ба бар маро,
Бурда чу ҳамсафар маро.

Ин ҳама – корбасти ӯ,
Чанбари рул – ба дасти ӯ.

## ХУД БО ХУД

Не-не, на лодахандам,
Ман софу сода хандам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сарбанди модарамро
Монанди тоҷ бандам.

Зарбафт ҷома – дар бар,
Дар даст – себи қандам.

Бо ин ваҷоҳати худ
Чун шоҳи сарбаландам!

Ҳам худ ба худ бирақсам,
Ҳам худ ба худ бихандам.

Дар гирди худ бипечам,
Дар сӯзи худ сипандам.

Ҳарфе ба худ бигӯям,
Аҳде ба худ бибандам…

Ман худ ба худ чӣ нозам?
Ман худ ба худ чӣ хандам?

О, ман чӣ худситоям?!
О, ман чӣ худписандам?!

Берун равам, ки хона
Бо худ бикард бандам!..



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ПУРСУ ПОСУХ

– Даст ба кас чӣ даркор?
        – То ҳар кучо наёзад.
– Пой ба кас чӣ даркор?
        – Беҳуда то натозад.
– Рӯй ба кас чӣ даркор?
        – То рӯ зи кас натобад.
– Мӯй ба кас чӣ даркор?
        – Ҷӯлида то нахобад.
– Гӯш ба кас чӣ даркор?
        – То пушти дар надорад.
– Бинӣ ба кас чӣ даркор?
        – То назди кас нахорад.
– Абрӯ ба кас чӣ даркор?
        – То худ гиреҳ набандад.
– Лаб чӣ?
        – Ба гиряи кас
        То ҳеҷ гаҳ нахандад.
– Касро забон чӣ даркор?
        – То ҳарфи фаҷ нагӯяд.
– Пас дил ба кас чӣ даркор?
        – То ранҷи кас наҷӯяд.
– Чашм ба кас чӣ даркор?
        – То айби кас набинад.
– Дониш ба кас чӣ даркор?
        – Бекор то нашинад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## НУР-АМАК

Нур-амак шофир аст,
Шофири ҳай моҳир аст.

Ширу асал мебарад,
Регу шағал мебарад.

Пахта кашонад гаҳе,
Тахта кашонад гаҳе.

Меҳнати шоён кунад,
Кори кас осон кунад.

Эй бачаи раҳгузар,
Аз раҳат огаҳ гузар!

Бо раҳи мошин нарав,
Чун ғави роҳаш нашав!

Хавфу хатарҳо наёр,
Аз раҳаш ӯро надор!

Мон, ки ба кораш равад!
Бо дили беғаш равад!

## БОЗОР



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бозор пур аз савғост,
Бозор пур аз ғавғост.

Бозор пур аз чиз аст,
Бозор дилангез аст.

Ҳар кӯҳнаву нав ин ҷост,
Ҳар баҳсу гарав ин ҷост.

Арзону гарон ин ҷост,
Ашёи ҷаҳон ин ҷост.

Ин ҷост ҷаҳони нур,
Ин ҷост макони сур.

Ин ҷост биёру бар,
Ин ҷост фурӯшу хар.

Хоҳӣ, бихару пас рав,
Хоҳӣ, бифурӯш аз нав.

Хоҳӣ, чу тамошобин
Боз ою тамошо бин.

Бозор тамошобоб,
Бисёр тамошобоб.

Лекин чу равӣ бозор,
Чизе ту ба мо боз ор!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ҲАСРАТ

Писарро аҷаб хислат омад падид,
Ки афтод як хонадон дар азоб:
Наандозад ӯ ҷогаҳи хоби хеш,
Нағундорадаш, чун бихезад зи хоб.

Чу модаркалон ин ҳикоят шунид,
Бари ҷогаҳи худ ба ҳасрат гирист:
– Дареғо, ки бемори якҷояам,
Маро дасту пову сари кор нест.

Як армон фақат дар дилам метапад,
Ки боре ба по хезам аз ҷои хеш.
Биғундорам ин ҷогаҳи дарду ранҷ,
Бимонам ба тахмони колои хеш…

Ба шукронаи ин саодат расад,
Агар кас тавонад ду кори савоб:
Худаш густарад рахти хоби худаш,
Худаш ғун кунад, чун бихезад зи хоб!

## ГИРЯ

Бе ҳеҷ майли хотир,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бе ҳеҷ ғам бигирям.
Дар гиряам бихандам,
Дар хандаам бигирям.

Не ранҷ дода касро,
Не худ азоб дида,
Ду чашма гашта аммо
Ду чашм аз оби дида.

Дастам ба кор банд аст,
Чашмам сиришк ронад.
Не даст гирам аз кор,
Не оби чашм монад.

Чашми ману гиристан,
То кор ёбад анҷом.
Корам наёбад охир,
Чашмам нагирад ором.

Ин себ не, ки сози
Хандида пора-пора:
Чун кор бо пиёз аст,
Аз гиря нест чора.

## АНГУРЗОР

О, ин нишони ҷаннат?
Ё ин ки боғи ангур?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сарҳо – саре гаронбор,
Ҳар дона – чашми махмур.

Ҷӯше диҳад ба дилҳо,
Ҳуше рабояд аз дур.

Оварда аз куҷо ранг?
Ё бурда лаззат ин тур?

Рахшад зи нури хуршед,
Бахшад ба дидаҳо нур.

Ҷӯяд дили зарифон,
Гӯяд:
– Биё, маро хур!

## ФАЙЗИ ТИРАМОҲ

Расида меваҳо сад ранг
Ба ҳар боғе, ки мебинӣ.

Яке аз дигаре беҳтар
Ба таъму бӯю ширинӣ.

Шуда ҳар хӯшаи ангур



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба мисли кӯзаи шиннӣ.

Зи дидан дил ба шавқ ояд
Чу аз дидори дерине.

Замин осори Монӣ шуд
Ба ин маънию рангинӣ.

Ҷаҳонро тирамоҳон дод
Шукӯҳу файзу тамкине!

## ХАЗОНРЕЗ

Бархест боде беқарор,
Дод он дарахтонро такон:
Омад фуруд аз шохсор
Як селаи гунҷишкакон.

Як селаи дигар зи тор
Поин биёмад баъд аз он,
Чун сар бизад бар шохсор
Бори дигар боди хазон.

Дар кисаву домону каф
Пас ҳар якеро бод бурд,
Афтону хезон ҳар тараф



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ғамдидагонро шод бурд.

Ин селаи паҳну пареш
Дигар нахезад бар ҳаво,
Дигар наҷӯяд ризқи хеш,
Дигар наёяд дар наво.

Чун селагунҷишки хазон
Бар хок боре по ниҳод,
Ин села бошад баъд аз он
Бозичаҳои дасти бод…

## ҲАВЛИРӮБӢ

Як ҳавлиро мо, ҷонам,
Ҳоло ҳар ду мерӯбем.
Дар як вақту дар як ҷой,
Аммо ҳар сӯ мерӯбем.
Ман бар ин сӯ мерӯбам,
Ту бар он сӯ мерӯбӣ.
Ман болосӯ мерӯбам,
Ту поёнсӯ мерӯбӣ.
Ман бо мақсад мерӯбам,
Ту бе мақсад меруби.
Ман хеле хубу тоза,
Ту хеле бад мерӯбӣ.
Ман рӯбам бо ҷорӯбам,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ту бо доман мерӯбӣ.
Ман сӯи ту мерӯбам,
Ту сӯи ман мерӯбӣ.
Ман аз дигар мерӯбам,
Ҳар ҷоро гар мерӯбӣ.
Ҳар ҷоро ман мерӯбам,
Ту аз дигар мерӯбӣ.
Як ҳавлиро якбора
О, чун ду кас мерӯбад?
Ё хубу тоза инро
Бо чун ту кас мерӯбад?!
Бо ту, Шамолаки ҷон,
Ман кай дигар мерӯбам?
Хуб, ин саҳар ту рӯбӣ,
Ман вай саҳар мерӯбам…

## ЗАНБӮРИ ҒИНГАК

Парида ҳар ҷо,
Расида ҳар ҷо,
Ба ғингас ой,
Ба ҷингас ой.

Барои одам
Ягон қадар ҳам



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Амал надорӣ,
Асал надорӣ.

Биё, бигӯ ту,
Ки бо чӣ рӯ ту
Маро газидӣ?
Чаро газидӣ?!

## ПУРСИШИ ОЛАМ ЗИЁД

Бод чаро кӯ ба кӯ
Мевазаду мевазад?
Об чаро ҷӯ ба ҷӯ
Мехазаду мехазад?
Боз чаро пажмурад,
Гул шукуфад ҳар сафар?
Шаб чӣ равад офтоб? –
То ки биёяд саҳар?
Об чаро каб-кабуд?
Хок чаро сип-сиёҳ?
Сурху сафеду бунафш
Рӯяд аз онҳо гиёҳ?
Шамс писар худ чарост?
Зӯҳра чаро духтарак?
Аз чӣ надорад Барот
Додараку хоҳарак?
Дар бари шаш додараш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зӯр бувад Қаҳрамон?!
Ваҳ, зи куҷо ёбад ӯ
Ин радаи додарон?
Ҷӯра чаро номи ман?
Додаракам Ҳотам аст?..
Пурсиши олам зиёд,
Посухи олам кам аст.

## «ТИЛЛО – КӢ? НОТИЛЛО – КӢ?»

Тилло доим чун тилло:
– Ман тиллоям! – Мегӯяд.
Баъзан оҳан ҳам:
– Биллоҳ,
Ман тиллоям! – Мегӯяд.

Аммо мардум медонанд:
Тилло кӣ, нотилло кист.
Аз ин ду тан кӣ оҳан,
Тилло низ аз инҳо кист.

Гоҳе тилло ҳам барқасд:
– Э, ман – оҳан! – Мегӯяд.
Оҳан мебардорад даст:
– Не, оҳан – ман! – Мегӯяд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мардум медонанд аммо:
Оҳан кӣ, нооҳан кист.
Аз ин ду тан кӣ тиллост,
Оҳан аз ин ду тан кист.

## ВАҚТ

Вақт бувад дар ҷаҳон
Бахти бузург, эй фалон!
Вақт, нигар, нони туст,
Нон чӣ бувад, ҷони туст.
Вақт агар меравад,
Нақд ҳадар меравад.
Вақт бувад оби ҷӯй,
Чун биравад, пас маҷӯй.
Зуд равад шери вақт,
Боз намон дери вақт.
Дер агар мондаӣ,
Дон, ки ту дармондаӣ!
То ки нагардӣ забун,
Хез, ба по шав кунун.
Вақтнигаҳдор бош,
Нақднигаҳдор бош.
Дарс ба вақташ бихон,
Давр ба вақташ бирон.
Гул сари вақташ бибӯй,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дил сари вақташ бичӯй.
Панд ба вақташ шунав,
Кишт ба вақташ дарав.
Он ки на ҳампойи вақт,
Войи ваю войи вақт!

## ТОЗИШ

Тозон ояд беду ток,
Тозон ояд себу нок.

Сарву ар-ар метозад,
Девору дар метозад.

Дашту калбуз метозад,
Марзу тарбуз метозад,

Кӯҳу паҳно метозад,
Рӯ сӯи мо метозад.

Аммо мо дар мошинем,
Ҳамроҳи момо шинем.

Тозон ояд дунё пеш,
Мошин метозад ё пеш?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МАРҶОНИ ШИРИН

Донӣ, ки чӣ марҷон аст? –
Дар гардани Райҳон аст?

Марҷонаки ширин аст,
Марҷонаки тобон аст.

Дар кому даҳан ҳалвост,
Дар дида дурахшон аст.

Хуш хӯр, ки хушхӯр аст,
Овез, ки зеб он аст.

Не-не, на зи дӯлона,
Ширинтарак аз он аст.

На ҳели мавиз аст он,
На мағзаки бирён аст.

На шаддаи ғӯлинг аст,
На раддаи челон аст.

Донӣ, ки чӣ марҷон аст? –
Дар гардани Райҳон аст?

Аз зинату дармон аст! –
Аз пистаи хандон аст!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## РОСТУ ЧАП

Ин даст – дасти рост,
Ин даст – дасти чап. –
Равшан барои мост
Маънии ин ду гап.

Ин пой – пои рост,
Ин пой – пои чап.
Ин ёдрас чарост?
Ин ҷо чӣ ҷои гап?

Аз дасту пои рост,
Ё дасту пои чап,
Матлаб на дасту пост,
Маънӣ на ин ду гап.

Як роҳи матлаб аст
Дар ҳар сари дуроҳ:
Ин – рост,
Ин чап аст,
Инак, туро гувоҳ.

Дасте ба кас диҳӣ,
Донӣ, ки дасти рост.
Ҷое, ки по ниҳӣ,
Донӣ, ки по баҷост.

Ин – дасту пои рост,
Ин – дасту пои чап,
Чун раҳнамои мост
Як умр ин ду гап!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

## САФАР

Гӯё тозӣ. Гӯё шинӣ.
Оё онӣ? Оё инӣ?

Як ҷо шинӣ, лекин тозӣ.
Тозӣ, лекин як ҷо шинӣ.

Бо худ нозӣ, бо худ болӣ,
Гаҳ болоӣ, гаҳ поинӣ.

Саҳро – зебо, гулҳо – зебо,
Оё бинӣ? Оё чинӣ?

Бинӣ, бӯйӣ, гар ту бошӣ
Биночашму бӯёбинӣ.

Дунё тозад бар дидорат,
Ту тозӣ бар дунёбинӣ.

Дар мошине чун мо шинӣ,
Монанди мо дунё бинӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МУШАК ДАРДИ ДАНДОН АСТ

Мушак зи дарди дандон
Мондаст зору ҳайрон.
Бечора, беқарор аст,
Беҳолу бемадор аст.
Бингар варо, убол аст,
Осоишаш муҳол аст.
Аз дард гашта саргум,
Гаҳ по занад, гаҳе дум.
Биншинаду бихезад,
Борони ашк резад.
Ҳолаш аҷаб табоҳ аст,
Рӯзаш чу шаб сиёҳ аст.
Мушак далеру пурзӯр,
Кай тарсад ӯ зи анбӯр?
Аз арра ё ки сӯзан
Тарсе надорад аслан.
Лекин чӣ чора? Вай-вай…
– Духтур равад чӣ?
– Ҳай! Ҳай!
Вай чун равад ба духтур? –
Дар деҳа Гурба – духтур!..
Мушак зи дарди дандон
Мондаст зору ҳайрон.

## НАВОЗИШ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Надонам, аз куҷо расад
Ба макру ҳила фаҳми ту?
Занӣ, ба ҳазл мезанӣ,
Ба мисли хандаи некӯ.

Гаҳе диҳӣ ту дасти худ,
Гаҳе занӣ ба по маро.
Гаҳе ту меҳрубон шавӣ,
Гаҳе диҳӣ ҷазо маро.

Гаҳе парӣ ба тори бом,
Гаҳе парӣ ту бар замин.
Гаҳе ҷаҳӣ аз ин ба он,
Гаҳе ҷаҳӣ аз он ба ин.

Чӣ рақси шӯх мекунӣ
Ба ёлу шоху пову даст!
Сар афканӣ ба ҳар тараф,
Ҳаво равӣ баланду паст.

Қадам занӣ сабук-сабук,
Назар кунӣ уреб-уреб,
Хушо ба чашми равшанат,
Ки чашми равшанат базеб!

Барои ман хуш аст, агар
Алаф канам барои ту.
Ба гургу рӯбаҳон занад,
Бузичаам, балои ту!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## СУРНАЙЧӢ ОМАД

Бачча давад ба кӯча,
Аз паси бачча – оча.
Аз паси оча – момо,
Аз паси ҷумла бобо.
Ҳар кӣ давон чу боде,
Дар дилу ҷон – муроде.
Деҳа пур аз наво шуд,
Базми калон барпо шуд.
Най-на-на-най! На-най-най!
Бал-ба-ла-лай! Ла-лай-лай!

Ин чӣ намою созе?
Шарм накун, бибозе!
Нору Амина бо ҳам,
Ёру Мадина бо ҳам.
Зӯҳрою Дона бо ҳам,
Дар бари ҷумла мо ҳам,
Аз таги дил бирақсем,
Бал-бали бил – бирақсем!
Най-на-на-най! На-най-най!
Бал-ба-ла-лай! Ла-лай-лай!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сангаку рақс зебост,
Чак-чаку қарс зебост.
Чеҳраю ҷома зебост,
Хандаи мома зебост.
Саҳнаю кӯча зебост,
Очаю бачча зебост.
Ходаи пой зебост,
Ҳай-ҳаю ҳой зебост,
Най-на-на-най! На-най-най!
Бал-ба-ла-лай! Ла-лай-лай!

## КӢ ДАР БОРАИ ЧӢ МЕХОНАД?

Як мӯраке шабона
Мехонд ин тарона:
– Ум-баки банги дона!
Гиж-даки данги дона!

Субҳе ба боғ булбул
Андохт шӯру ғул-ғул:
– Чаҳ-чаҳ, гуле, гуле, гул!
Ваҳ-ваҳ, гуле, гуле, гул!

Як гурба ҳушу бе ҳуш



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мезад таронае хуш:
– Ҳай-ҳай, ҳаё, ҳаё, муш!
Бай-бай, баё, баё, муш!

Мехонд як хаёлӣ
Бо тарзи бемисоле:
– Хуш дарси бесаволе!
Хуш хоби бемалоле!

Як танбали қаторӣ
Мехонд бе мадоре:
– Вақте ки хуш надорӣ,
Хуш нест ҳеҷ коре!

## ОРЗУҲО

Шамшод бар-бари ҷӯ
Шамшодҳо нишонад.
Гулҷон барои Булбул
Байту тарона хонад.
Дар боғ Анори хандон
Хандон анор чинад.
Хуршед бо Ситора
Дар рӯи сабза шинад.
Дар дасти Саъва – саъва,
Дар дасти Қанд қанд аст.
Танҳо нишаста Ҷӯра,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо ёди ҷӯра банд аст.

Райҳон шамида райҳон,
Ҳай, Лола лола чинад. –
Ин корҳои шоён
Ку одаме, ки бинад?!

Қандин набошад аз қанд,
Ширин набошад аз шир.
Сангин чӣ? Нест аз санг,
Шерак чӣ? Нест ӯ шер.

Ин номҳо валекин
Бисёр дилситонанд,
Як олам орзуҳо
Дар ҳар яке ниҳонанд.

## ЯХБАНДӢ

Аз шиддати зимистон
Олам чӣ шуд? Яхистон!

Оинасон бувад раҳ!
Одам чӣ сон равад? Ваҳ!

На гоҳи соз гаштан,
На роҳи бозгаштан.

Гар ту савора бошӣ,
Танҳо авора бошӣ.

Гар ту пиёда бошӣ,
Аз по фитода бошӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сад босубот гардӣ,
Бо эҳтиёт гардӣ,
Афтӣ! Дароз афтӣ!
Хезию боз афтӣ!
На хуст метавон рафт,
На суст метавон раст.
Аммо чӣ шах шудастӣ?
Оё ту ях бубастӣ?!
Охир, ду раҳсипорӣ
Дар ихтиёр дорӣ:
Лағжида метавон рафт!
Афтида метавон рафт!
Лағжида чун бирафтӣ,
Коре накун, ки афтӣ!

## ҲУСНИ ЗИМИСТОН

Барфаке, ин гуна рахшад!
Нури нав бар дида бахшад!

Кӯчаро зебе физояд,
Ҷӯчаро зебе физояд.

Бодро дар тоб орад,
Хокро дар хоб орад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Обҳоро шиша бандад,
Шохаҳоро шӯша бандад.

Шаҳру русторо бипӯшад,
Кӯҳу саҳроро бипӯшад.

Чашми мардум гашта бандаш,
Банди ранги ҳамчун қандаш.

Обу гил аз барф шод аст,
Ҷону дил аз барф шод аст.

Фасли беҳамто зимистон,
Ин қадар зебо зимистон!

СОЛИ НАВ

Ҳар Соли нав ба дунё
Уммеди тоза бахшад,
Дар олами дили мо
Хуршеди тоза рахшад.
Чун Соли нав биёяд,
Соле калон шавад кас,
Баҳри дилаш кушояд,
Бас шодмон шавад кас.
Дар дидагони одам
Як нури дигар ояд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар ҷисму ҷони одам
Як зӯри дигар ояд.
Ҳар соли сулҳ сидқан
Соли саодати мост,
Ҳомии сулҳ будан
Оину одати мост.
Пайғоми хуш биёрад
Аз сулҳ Соли нав ҳам,
Хуш ҳиссае гузорад
Дар кори сулҳи олам.
Бар ҳар яки шумо бод
Ин Соли нав муборак!
Дар кору илму эҷод
Иқболи нав муборак!

## ТАСКИНЕ БАРОИ АВТОБУС

Боре гуфто автобус:
– О, афсӯсо! Во, афсӯс!
Бахту иқболам мебуд,
Як лахтак болам мебуд!
Ман парвозӣ мебудам,
Аз худ розӣ мебудам!
То бар кайҳон мерафтам!
Пас беармон мерафтам!..
– Автобусҷон! Автобус!
Беҷо мехӯрӣ афсӯс!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Раҳ гард! Ин ғур-ғурро мон!
Ин гап трактурро мон!
Бингар, ҳатто троллейбус
Тозад умре беафсӯс.
Ду дасти зораш баста,
Бо сим аз тораш баста.
Дар роҳе гардон аст ӯ,
Аммо бе армон аст ӯ.
Чизи дигар ҳастӣ ту,
Аз вай беҳтар ҳастӣ ту.
Босуръаттар мегардӣ!
Боҷуръаттар мегардӣ!
Қудрат дорӣ беш аз вай,
Ҳурмат дорӣ беш аз вай.
Роҳат тахту ҳамвор аст,
Хушдоронат бисёр аст.
Ношукриву ҳасрат бас,
Бар қадри ин давлат рас!
Автобусҷон! Автобус!
Бо роҳат рав беафсӯс!

## ЧИСТОНҲО

Хушсӯҳбату хушзабону рӯхуш,
Дил дар сари нуктаҳои ӯ хуш.
Хомӯш бувад ҳамеша, лекин
Ин хулқи хушаш зи гуфтугӯ хуш.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

* * *

Ин хушхату хушрақам кӣ бошад?
Бедафтару беқалам кӣ бошад?
Бинвисаду худ бихонад озод,
Ин котиби мӯҳтарам кӣ бошад?

* * *

Рӯзу шабу субҳу шом гардад,
Бо як раҳу як маром гардад.
Гар суст шавад, ба гӯшмоле
Озодаю хушхиром гардад.

* * *

Он чист, ки монда дар баногӯш,
Шаб то ба саҳар диҳӣ варо гӯш? –
Ту гӯш диҳию ӯ бихобад
Бар гӯши ту гӯш дода хомӯш.

* * *

Бигирад бо ду дасташ аз ду гӯшам,
Нишинад худ сари бинии ман ӯ.
Гузорад хуш ду чашмашро ба чаш-мам,
Диҳад ёрӣ ба хушбинии ман ӯ.

* * *

Ҳар сабзаю дору дарахт
Бе ӯ хамӯшанду карахт.
Бе ӯ биёяд хоби кӯл,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мавҷе надорад оби кӯл.
Як лаҳза гар ӯ дам шавад,
Як лаҳза дам олам шавад.

* * *

Нарму сафеду тоза,
Чун барфи нав мерезад.
Мерезаду номаълум
Монанди тал мехезад.
Обаш нарезӣ, асло
Бо ҳам намеомезад.
Ҳар кас ки ёбад онро,
Дар суфрааш мебезад.

* * *

Ду ҳафта – ҳозир,
Ду ҳафта – ғоиб.
Гаҳ ниму гаҳ пур,
Хеле аҷоиб.

* * *

Боло шуд он, то бод шуд,
Аз ҷумла банд озод шуд.
Поён шуд он, то об шуд,
Чистони осонёб шуд.

* * *

Вақти гармо сӯи дарё мехазад,
Дар дами сармо заминро мегазад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Як лӯъбате бидидам:
Бешоху баргу бех аст.
На найза он, на шамшер,
Ҳарчанд ранги сих аст.
Зарбе ба кала мехӯрд,
Бинӣ ба ҳар чӣ механст.
Ман ёфтам, ки он чист,
Лекин ту гӯ, чӣ? ... аст!

* * *

То даҳонашро наёрӣ пеши гӯш,
То ки гӯшашро наёрӣ бар даҳон,
Ту намедонӣ, чӣ мегӯяд ба ту,
Он намедонад, чӣ мегӯӣ ба он.

Ҷавобҳо: китоб; магнитофон; соат; болин; айнак; шамол; орд; моҳ; бухор; об; мех; гӯшаки телефон.

## ДУХТАРЧАИ ХАНДОНАК



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Лабҳои ту механдад,
Гапҳои ту механдад.

Чашмони ту механдад,
Мижгони ту механдад.

Хандон-рухи некӯят,
Барги гули абрӯят.

Дандони ту марҷон аст,
Яксар ҳама хандон аст.

Дар китфи ту мӯ хандад,
Дар мӯи ту бӯ хандад.

Эй духтараки хандон,
Бар хандаи ту қурбон!

## АНОРИ ХАНДОН

Анори хандон
Чун шавқмандон,
Бар мо намояд
Ёқути дандон.

Алвон шудаст он,
Рахшон шудаст он.
Аз завқи пухтан



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хандон шудаст он.

Аз шавқмандӣ
Онро писандӣ,
Аз ширахандаш
Ширин бихандӣ.

## ДОНОӢ

– Аз хобакат саҳар хез.
– Медонамаш, падарҷон!
– Бо дасти рост бархез.
– Медонамаш, падарҷон!

– Покиза дасту рӯ шӯй.
– Медонамаш, падарҷон!
– Пас шукри рӯзи нав гӯй.
– Медонамаш, падарҷон!

– Як «Хайр!» гӯ , чу рафтӣ.
– Медонамаш, падарҷон!
– Ҳушёр шав, наафтӣ?
– Медонамаш, падарҷон!

– Бо роҳи худ бирав рост.
– Медонамаш, падарҷон!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Дар оши кас машав мост.
– Медонамаш, падарҷон!

– Пеш аз сухан бияндеш.
– Медонамаш, падарҷон!
– «Медонамаш» нагӯ беш.
– Медонамаш, падарҷон!

## ГУФТУГӮ

– Пургӯ чароӣ, ҷонам?
 – Кони гапи ҷаҳонам!
– Кони гапат дар куҷост?
 – Дар нӯкаки забонам!
– Забонакат дар куҷост?
 – Дар ворам даҳонам!
– Даҳонакат дар куҷост?
 – Дар гирдаки лабонам!
– Лабонакат дар куҷост?
 – Дар зери биниҷонам!
– Бинияката дар куҷост?
 – Дар байни дидагонам!
– Дидаякат дар куҷост?
 – Дар байни мижагонам!
– Мижаякат дар куҷост?
 – Дар зери абрувонам!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Абрӯякат дар куҷост?
  – Дар хам-хами пешонам!
– Пешониат дар куҷост?
  – Дар каллаи калонам!
– Калла ба ту чӣ даркор?
  – Инашро ман надонам…

## ҲАЙРАТ

Ҳай-ҳай, акои Даврон,
Кардӣ маро ту ҳайрон!

Гуфтӣ, ки бас далерӣ,
Зӯриву ҳамчу шерӣ.

Гуфтӣ, ки паҳлавонӣ,
Тарс ин чӣ гап? – Надонӣ.

Кӯҳро занӣ, шавад он
Бо хоки роҳ яксон…

Акнун чаро, ки тарсӣ
Аз як хурӯси чарсе?

Бо доду вою фарёд
Ҷӯйӣ ту аз ман имдод?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳай-ҳай, акои Даврон,
Кардӣ маро ту ҳайрон!

## БИНАМ, БИНАМ…

Чоям – як сӯ, нонам – як сӯ,
Ошамро ҳам монам як сӯ.
Ҳушам сӯйи тилвизор аст,
Чашмам чору гӯшам чор аст:

Шинам, шинам, шинам, шинам,
Бинам, бинам, бинам, бинам.

Донам, донам, дарсам беш аст,
Дар таҳсилам сад ташвиш аст.
Хондан, хондан, хондан бояд,
Шояд, бояд, бояд, шояд…

Шинам, шинам, шинам, шинам,
Бинам, бинам, бинам, бинам.

Шаб ним асту айни хоб аст,
Аммо кино диданбоб аст.
Тарсам, боз аз дарсам монам?
Беҳтар ё аз тарсам монам?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шинам, шинам, шинам, шинам,
Бинам, бинам, бинам, бинам,

Гӯшакҳоро тобам, тобам,
Ҳар сарҷӯро кобам, кобам.
Гоҳ аз ин ҷо, гоҳ аз Маскав,
Биноие ёбам нав-нав.

Шинам, шинам, шинам, шинам,
Бинам, бинам, бинам, бинам.

Додар, хоҳарҳоям хобанд,
Аз хоб онҳо лаззат ёбанд.
Акнун бояд хобам ман ҳам
Ҳозир, ҳозир, ҳозир, як дам!

Шинам, шинам, шинам, шинам,
Бинам, бинам, бинам, бинам…

## МЕҲМОНДӮСТ

Ояд ба хона меҳмон,
Шодӣ кунад Вафоҷон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар пешгаҳ нишонад,
Гард аз рухаш фишонад.

Гирад ба гап варо гарм,
Созад даробаро гарм.

Шодон ба пеши меҳмон
Хоне кашад фаровон:

Нону мавизаш орад,
Сад гуна чизаш орад.

Аммо ба он бикӯшад,
Худ хӯраду бинӯшад.

Одам надонад осон:
Меҳмон кию кӣ мизбон?

## АҲМАДУ РАҲМАТ

Аҳмаду Раҳмат –
Ду ҷӯраи ҷон,
Биншаста буданд
Шодону хандон.

Чун атсае зад



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ногоҳ Раҳмат,
Аҳмад бигуфташ:
– Бошӣ саломат!

Аммо ҷавобаш
Раҳмат надонист,
Бояд чӣ гӯяд? –
Дар ёди ӯ нест…

## САРИ РАВОН

Як шом дидам
Бар тори девор:
Як сар равон аст
Дар тори девор.
    Ин сар набошад,
    Пас чист дигар?
    Ин сар, ки бошад,
    Аз кист ин сар?
Ман хоб бошам?
Ё ин ки бедор?
Чашмони худро
Молам ба такрор.
    Бинам дубора
    Бар тори девор:
    Як сар равон аст
    Дар тори девор!
Сар пушти девор



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ногаҳ ниҳон гашт…
Дарвоза во кард,
Ин сӯй бигзашт.
    Эй вой, акнун
    Ояд ба сӯям!
    Оё гурезам?
    Ё дод гӯям?
Дар раҳ кашид ӯ
Ногаҳ тамоку…
– Бобои Хуршед?
О, ин Шумо-ку!!!

## АЗОБИ ХУРД БУДАН

Ҳар як калон,
Охир, чаро
Танбеҳаке
Бидҳад маро?!

– Инро нарас!
– Онро набин!
– Ин ҷо наё!
– Он ҷо нашин!

– Инро набур!
– Онро нарез!
– Ин хел хоб!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Он хел хез!

– Ин– айби ту!
– Э, ҳайфи ту!
Дору мадор!
Гӯву магӯ!..

Вай-вай, басо
Хурдӣ бад аст! –
Хурдӣ маро
Дар дил задаст!

## ПОПӮШИ МОМО

Дар ошхона
Мавлуда афтид,
Дар остона
Мавлуда афтид.

Озор дида
Банди ду дасташ,
Ҳар сӯ парида
Қанди ду дасташ,

Мехезад аз ҷой,
Мемонад ӯ пой,
Меафтад ӯ, ҳой!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй вой, эй вой…

Ҳарчанд кӯшад,
Меафтад аз по,
Ҳар кас, ки пӯшад
Попӯши момо.

## ШУСТУШӮ

Баъд аз адои варзиш
Ҳар бачча рӯй шӯяд.
Бо оби барфу борон
Ҳар кӯча рӯй шӯяд.

Бо шабнами саҳаргоҳ
Садбарг рӯй шӯяд.
Себарга дасту рӯро
Бо оби ҷӯй шӯяд.

Албатта, баъди хӯрдан,
Гурбача рӯй шӯяд.
Баъзан, хушаш биёяд,
Мушбача рӯй шӯяд.

Аз чист, ки шумо ҳам
Хушҳолу тозарӯед?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз он ки дасту рӯро
Ҳар рӯз тоза шӯед.

Аммо надонам. Оё
Моҳича рӯй шӯяд?
Ҳар кас, ки донад инро,
Лутфан ба ман бигӯяд.

## ХОНА БИРӮБАД НИГОР!

Ҳой! Ту кӣ? Дар куҷо?
Зуд ба ин ҷо биё!
Роҳи ҳаворо кушо! –
Хона бирӯбад Нигор!

Болини парро бурор!
Пардаи дарро фурор!
Латтаи тарро дарор! –
Хона бирӯбад Нигор!

Дур фиган ҳинаро!
Об бизан зинаро!
Пок кун оинаро! –
Хона бирӯбад Нигор!

Акбар, аз ин ҷо буро!
Асғар, аз ин ҷо буро!
Аскар, аз ин ҷо буро! –
Хона бирӯбад Нигор!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бош ва ё хап гузар!
Бе ғашу бе гап гузар!
Рост гузар! Чап гузар! –
Хона бирӯбад Нигор!

Бод, наё аз адир!
Гурба, даматро бигир!
Пашша, бирав ё бимир! –
Хона бирӯбад Нигор!

ЧАРО? ЧАРО?

На чарх мезанам ба хоб,
На печ мехӯрам, на тоб.

На пой мезанам ба по,
На даст медиҳам ҳаво.

Валекин аз чӣ бистарам
Ба зерам ояд аз барам?

Ба зери каш агар кашам,
Хазад вай аз таги кашам.

Варо агар ба бар кашам,
Ба фарқи сар агар кашам,

Ҳамон зи рӯи ҷои ман
Хазад ба сӯи пои ман.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Парад зи дида хоби ман,
Кӣ медиҳад ҷавоби ман?

Зи нав кашам варо ба бар,
Зи нав равам ба хоб агар,

Зи нав ба зери по равад?
Чаро? Чаро? Чаро равад?

Чӣ турфае, ки бистарам
Ба зерам ояд аз барам?!

## ҲАМЗА ЧӢ ХУШРӮ ШУДАСТ!

Лаб нарасад бар лабе,
Деҳа – пур аз гап-гапе:
 – Ҳамза чӣ хушрӯ шудаст!
 – Баччаи дилҷӯ шудаст!
– Рӯй – ба монанди себ!
– Сар – чӣ?
– Сараш ҳам – базеб!
 – Гардану дӯшаш нигар!
 – Чашмаку гӯшаш нигар!
– Дар таги мӯяш будаст!
– Айбаки мӯяш будаст!
 – Вай, чӣ ба мӯяш задаст?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Қайчӣ ба мӯяш задаст!
– Пас чу дигарҳо шудаст?
– Ҳамчу писарҳо шудаст!
– Ранги рухашро нигар!
– Гулписар-а?
– Гулписар!..
Лаб нарасад бар лабе,
Деҳа – пур аз гап-гапе:
Ҳамза чӣ хушрӯ шудаст!
Хуш ҳама аз ӯ шудаст!

## ВАСВАСА

Аз як фан агар ду чиз
Хонам, чӣ? Нахонам, чӣ?
Ё чорамалро низ
Донам, чӣ? Надонам, чӣ?

Доим саҳар аз хобам
Хезам, чӣ? Нахезам, чӣ?
Дар иззату одобам
Монам, чӣ? Намонам, чӣ?

Ҳар рӯзи Худо мактаб
Тозам, чӣ? Натозам, чӣ?
Ноил шуда бар матлаб
Тонам, чӣ? Натонам, чӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Донотари синфи худ
Бошам, чӣ? Набошам, чӣ?
Андеша пайи беҳбуд
Ронам, чӣ? Наронам, чӣ?

Як умр пайи Раҳмон
Гирам, чӣ? Нагирам, чӣ?
Дар васвасаи Шайтон
Монам, чӣ? Намонам, чӣ?

## ФАРОМӮШӢ

Як мардаки тӯтибурут
Хӯрдаст се қуттӣ қурут.
Сад бор пас хӯрдаст печ,
Аммо надонистаст ҳеҷ:
Хӯрдаст қанд ӯ ё ки тут?

## БЕҲУДАГӮЙ

Дар Хардара як хар будаст,
Вай аз ҳама хартар будаст.
Дар айни тафси офтоб
Хӯрдаст аз сарчашма об,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гуфтаст:

– Обаш тар будаст!..

## ҚАЛАМ КУҶО ШУД?

– Як нозанин қалам буд!
Хушхатту хушрақам буд!

Ҳаргиз ғалат намерафт,
Берун зи хат намерафт.

Рангаш ба дида, билло,
Метофт оби тилло.

Якбора гум чӣ сон шуд?
Аз дида чун ниҳон шуд?

Сад раҳ қалам бикобам,
Бо сад алам бикобам,

Аммо варо наёбам,
Асло чаро наёбам?

Оят, ту дар шигифтӣ?
Шояд, худат гирифтӣ?!

– Қурбони ақлу ҳушат,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бингар ба … пушти гӯшат!

АЗМАНҶОН

Азман бидорад
Ду ҳарфро дӯст:
Яктояш – «Аз ман!»,
Яктояш – «Аз туст!».
– Ин сагча – аз ман!
– Ҳой, ин най – аз ман!
– Хайр, инаш аз туст,
Лекин вай – аз ман!..
Ҳар чӣ, ки хуб аст,
Албатта, аз ӯст,
Нохуб бошад,
Гираш, ки аз туст!
Аз дарди чашмаш
Менолад Азман,
Чашмони худро
Мемолад Азман.
Гӯӣ, ки: – Азман,
Хоҳӣ, нанолӣ,
Дасте ба чашмон
Бояд намолӣ.
– Корат набошад! –
Мегӯяд Азман, –
Чашми ту ин нест!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин ҳар ду – аз ман!

## НАСИҲАТ

Як коҳиле ба коҳил
Гуфтаст турфа ботил:

Охир, саҳар чӣ хезӣ?
Бо худ чаро ситезӣ?

Вақт аст, то бихобӣ,
Аз хоб баҳра ёбӣ.

Ба мактабат равӣ дер,
Ба хобакат шавӣ сер.

Соат, нигар, чӣ чиз аст:
Бо ҷумла дар ситез аст.

Ҳар гаҳ занад ҷаранг ӯ,
Касро кунад гаранг ӯ.

Ҳаргиз накун варо гӯш,
Баргарду калларо пӯш.

Бигзор, то ки модар,
Хоҳар ва ё бародар,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бедор созад аз хоб
Резад ба дастакат об.

Пӯшонаду хӯронад,
Бар мактабат расонад.

Аммо ба хотират дор:
Хонӣ, чӣ мешавӣ? – Хор!

Гирӣ агарчӣ сад ду,
Парвои он накун ту!

Дар синфакат, ки монӣ,
Бояд накӯ бидонӣ:

Асло хиҷил нагардӣ!
Озурдадил нагардӣ!

Сад раҳ бадат бигӯянд,
Сад айб аз ту ҷӯянд,

Гар сад лақаб бубанданд,
Сад бор агар биханданд,

Ғам хӯрданат нашояд,
Кам хӯрданат нашояд.

Лекин ту бохабар бош,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз Ҷайра* дар ҳазар бош.

Инро, ки Ҷайра донад,
Моро чунин намонад.

Мегардад обамон лой,
Бар ҳоли мову ту – вой!

---

* Шахси гӯшаи ҳаҷвии маҷалла.

ДАРСГУРЕЗ

Як соатак чун дарс хонд,
Бозаш дигар тоқат намонд.

Гуфто, ки:
                    – Дигар сабр бас!
Дар ҷони ман ин ҷабр бас!

Ҳаргиз надидам роҳаташ,
Безори ранҷу меҳнаташ! –

Ин бор ҳам бо биму тарс
Бигрехт пинҳонӣ зи дарс.

Албатта, аз тарсаш нахост,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ояд ба сӯйи хона рост.

Пас рафт бо паскӯчае,
Хуш ёфт бе кас кӯчае.

Кораш вале омад накард,
Эй войи ҳоли кӯчагард! –

Таъзири худро хӯрд ӯ,
Бо Ҷайраҷон во хӯрд ӯ!

ҶОСУС

Як ҷои хилват,
Як роғи девор,
Ду сими зардак
Бошад намудор.
                Гаҳ тору гаҳ зер
                Гардон шавад вай,
                Гаҳ зуду гаҳ дер
                Пинҳон шавад вай.
Ин чист? Оё
Антенна бошад?
Исто, ки ҷосус
Ин ҷо набошад?!
                Бояд насозам
                Ман дасту по гум:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зуд ин хабарро
Орам ба мардум.
Ин ҷо набояд
Ҷосус гардад!
Бояд, ки ҷусус
Маҳбус гардад!
Антенна ногоҳ
Берунтар омад,
Аз роғи девор…
Сӯрак* баромад!

---

*Сӯрак – саворак, нонхӯрак.

## ГУФТУГӮЙИ ДУ САГ

Як саг гуфто як сагро:
– Бас кун акнун «ак-ак»-ро!

То чанд, охир, мегӯйӣ
Як ҳарфи арзонакро?

На чун хар «иш»-ро донӣ,
На чун аспак «так-так»-ро.

Хап-хап будан ҳам хуб аст,
Бин оғои Хаппакро!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳикмат борад аз чашмаш,
Гар мефаҳмӣ пак-пакро.

Ҷонаш равшан мегардад,
Кас бинад ин мардакро!..

Гуфт он дигар дар посух:
– Эй, гум кун ин таппакро!

Дар ин дунё бе «ак-ак»
Саг нашносад як сагро!..

## ЯК ГУРБА МУШЕ ДИДАСТ

Як гурба муше дидаст,
Як рӯзи хуше дидаст.

Гуфтаст варо он муш:
– Аз туст маро ҷон хуш!

Бисёр макун хур-хур,
Бархезу маро хур! Хур!..

Болида аз ин гурба,
Гуфтаст чунин гурба:

– Муш?! Омадаӣ?! Эй хуш!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хуш омадаӣ, эй муш!

Эй зеби сари дастам!
Аз бӯйи хушат мастам!

Доруяки дандонам!
Ороми дилу ҷонам!

Як борат агар гирам,
Ғам нест дигар, мирам!..

Нокарда вале дарёб,
Бедор шудаст аз хоб.

Ин бар вай алам кардаст,
Аз гиря варам кардаст.

## ОРЗУҲОИ СОЛИНАВӢ

Кош ки бо Кӯҳнасол
«Ду»-и каҷак ҳам равад.
Кош ки ин «се»-ю «чор»
Яксара «аъло» шавад.

Кош ки хобии мо
Дида саҳар во кунад,
Хеста аз хоби ноз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Машқи тан иҷро кунад.

Хоҷахаёлӣ шавад
Кош ки ҳушёртар,
Ё ки шавад Гандакор
Одами хушкортар.

Рӯйи туруш ҳамчунон
Кош ки хандон шавад.
Аз гапу кораш ризо
Хоҷапушаймон шавад.

Кош ки Нодонча ҳам
Баччаи доно шавад,
Кош ки ин Нотавон
Шахси тавоно шавад.

Оҳ, чӣ хуш, Чиркинак
Тоза шавад баъд аз ин,
Бинаду пурсад ҳама:
– Кист ҳамин нозанин?!

Кош ки дар Соли нав
Ҷоғзамон хап шавад,
Пандшунав гардад ӯ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гӯш ба ҳар гап шавад.

Кош ки дар Соли нав
Гарм шавад сандалӣ,
Танбалак ояд ба ҷӯш,
Хушк шавад танбалӣ!

## КИСТОНҲО

– Танҳо худам бихонам!
Аъло худам бидонам!

Корам ба дигарон чист?
Корам ба дигарон нест!

Монаш, чу кас надонад,
Дар синфи хеш монад!..

– Пешаш биёву худ бин,
Ин бачча кист?.............

* * *

Рӯяш ба рӯйи устод,
Чашмаш ба сӯйи устод.

Шинад ҳамеша хомӯш,
Гӯё ки мекунад гӯш.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

Ҳушаш вале на дар ҷост,
Ҳушаш, бале, ба ҳар ҷост.

Дорам ба ту саволе:
Инаш чӣ кас?..........

* * *
На шавқи мактабаш ҳаст,
Дар дил на матлабаш ҳаст.

Аз дарсҳо гурезад, –
Бо бахти худ ситезад.

Дар синфи хеш монад.
Тадбири худ надонад.

Худро диҳад худ озор,
Ин кист? …………….

* * *
Коре накарда як бор,
Дилгир бошад аз кор.

На хонад ӯ китобе,
На донад ӯ ҳисобе.

Касро аз ӯ мадад нест,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хобу хураш чӣ? Бад нест!

Пас шуд мисоли ман ҳал:
Ин бачча кист? ………….

Ҷавобҳо: худбин; хаёлӣ; дарсбезор; танбал.

МУАММОҲО

Зӯру тавон надорад,
Гӯё ки ҷон надорад.

Бар варзишаш бихонӣ,
Бар гардишаш бихонӣ,

– Э! – Гӯяд ӯ ҳамеша,
– Не! – Гӯяд ӯ ҳамеша.

Монанди шахси бемор,
Шинад ҳамеша бекор.

Ёбаш худат ба тадбир:
Ин бачча аст ё пир?

* * *

Духтарчаест шояд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз рӯ ба рӯ биёяд.

Ҷӯлида бас ки мӯяш,
Пӯшида чашму рӯяш.

Не, не, писарча аст ин,
Ҳа, ин писарча, лекин…

Кас дар гумон бимонад,
Ҳайрони он бимонад:

Оё писарча бошад?
Духтарча ё набошад?

* * *
Вай айби мо шуморад,
Борони таъна борад.

Гӯяд ба мо чӣ кардан
Бо дасту рӯю гардан.

Гӯяд ба мӯю нохун
Он кун ва ончунон кун.

Дар хона лекин ӯро,
Пӯшоку дасту рӯро,

Модаркалон бишӯяд,
Аз ин амал чӣ рӯяд?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

Сардори синфи чор аст,
Дилёбу ғамбарор аст.

Аз меҳру машқу бозӣ
Як синф аз ӯст розӣ.

Ояд ба хонаи хеш,
Бо сад баҳонаи хеш.

Ранҷида додар аз вай,
Озурда хоҳар аз вай.

О, ин чӣ кас ба ҳар ҳол? –
Фаъол ё ки баттол?

(Чигилакҳо)

## ОЁ ДУРУСТ КАРДАМ?

Бо чашмакам шунидам,
Бо гӯшакам бидидам.
Оё дуруст кардам?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ё нодуруст кардам?

Бо пой хат навиштам,
Бо даст раҳ бигаштам.
Оё дуруст кардам?
Ё нодуруст кардам?

Хӯрдам китобро ман,
Хондам кабобро ман.
Оё дуруст кардам?
Ё нодуруст кардам?

Гуфтам ба гурбам: – Кишт!
Гуфтам ба мурғакам: – Пишт!
Оё дуруст кардам?
Ё нодуруст кардам?

Хондам ду модар  аз ёд,
Шуд шеъракам зи ман шод.
Оё дуруст кардам?
Ё нодуруст кардам?

## БАР ИН СУХАН НАХАНДӢ…

Се бурси сабзи хушҳол
Тарбуз бубаст имсол.

Як бехаки санавбар,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Азбаски буда навбар,

Даҳ-биста себ бастаст,
Аммо базеб бастаст.

Аз кулчаҳои афзун
Бас шохи беди маҷнун

То бар замин расидаст,
Лекин касе надидаст.

Дигар яке булуте
Бастаст бас қуруте.

Ин чист? Ин чанор аст,
Бораш вале анор аст.

Ҳатто ду ҳарфи холӣ
Гаштаст фикри олӣ!..

Бар ин сухан нахандӣ,
Худ будаӣ Афандӣ!

## ДАР БОРАИ ФАСЛҲОИ СОЛ

– Фасли зимистон расид,
Сабз бишуд рӯзгор!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Лолаю гул рӯ кушод,
Бурд зи дилҳо қарор.

Фасли баҳорон дамид,
Ҷумла табу тоб рафт.
Об ҳама ях бубаст,
Хок ҳама хоб рафт.

Оҳ, чӣ хуш тирамоҳ,
Гармтарин фасли сол!
Давраи таътили мо –
Файзи ҳамин  фасли сол!

Фасли тамуз омада,
Бодаки форам вазид,
Обу ҳаво сарду… Вой!
– Ҳа, чӣ шуд?
– Ору газид…

## ВОҚЕАИ ТАРБУЗХӮРӢ

Рафтем мо ба тарбуз,
Бозораке бидидем.

Таърифи лаззаташро
Бо абрувон шунидем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бӯйи хушу маҳинаш
Бо мӯйи сар шамидем.

Тарбузфурӯшро зуд
Аз тарбузак харидем.

Бо поямон гирифтем,
Бо дастамон давидем.

Аз хона сӯйи бозор
Шодона оваридем.

Онро нахуст хӯрдем,
Бо корд пас буридем.

## МУСИЧАЮ БУЗИЧА

Бо шавқ мебарояд
Бар пуштаҳо мусича,
Бо завқ месарояд
Дар шохаҳо бузича.
Бо чор пойи чобук
Тозон чарад мусича,
Бо болҳои нозук
Шодон парад бузича.
Дар пеши саф – мусича,
Аз пода пас намонад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз ҳар тараф бузича
Бар лона хас кашонад.
Бо пойи пушт хорад
Ёлу бараш мусича,
Бар офтоб дорад
Болу параш бузича.
Бошад мусича зирак,
Бошад  мусича огоҳ,
Аммо бузича, бешак,
Як  мурғи гӯлу гумроҳ.
Гӯ бар мусича: – Беҳ! Беҳ!
Гӯ бар бузича: – Ту! Ту!
Гӯяд мусича: – Меъ-е!
Гӯяд бузича: – Ку! Ку!

## ХУРСАНДИИ МАЙМУН

Аз рӯйи расми ҷангалӣ –
Маймунгарию эҳтиром,
Як маймунак – шайтону шӯх,
Гуфто ба як маймун:
– Салом!

Маймун чун ин гапро шунид,
Дар боғи ҷонаш гул шукуфт.
Аз рӯйи лутфу марҳамат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ӯро навозиш карду гуфт:

– Таҳсин ба одобат!
Чӣ хуш,
Монанди мо акнун шудӣ!
Одамгарӣ, ҷонам, бас аст,
Акнун ту ҳам маймун шудӣ!

## ЧАРО ШАМОЛАК ВАЗИД?

Дилтанг шуд Сафедор
Аз маътал истодан.
Оваҳ, чӣ гуна душвор
Чун ҳайкал истодан?!

Пинҳон зи чашми мардум
Чашме ба олам андохт.
Байте ба ёдаш омад,
Онро ба зам-зам андохт.

Ҷунбонд шонаҳоро,
Чарсак бизад сад ангушт.
Якбора даст афшонд,
Якпоя рафт арғушт…

Хобида буд Шамолак



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар тораки Сафедор.
Лағжид पояш андак,
Тарсида гашт бедор.

Нофор шуд Шамолак,
Гуфто: – Аҷаб замон шуд! –
Аз тораки Сафедор
Бархосту вазон шуд.

## ИН ЧӢ ҒИРЕВЕ?

Ин чӣ ғиреве? Ҷониби Сурхон
Пар бикушода селаи мурғон:
Саъваю  булбул, майнаю акка,
Шоҳину моҳӣ, турнаю такка?!

## БОДОМГУЛИ ОЛУЧА

Бодомгули олуча,
Ман – писараки оча!
Очам шишта чой резад,
Ман чойхӯраки оча!

## МУСИЧАИ БЕГУНОҲ

Мусичаи бегуноҳ,
Тори сандалӣ баро!
Аз нӯлакат қайчӣ кунам,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз думакат муччӣ кунам!

## САРГУЗАШТИ НАВИ ХИРСАКУ ОРУ ВА ХАРГӮШБАЧЧА

Хирсак асалдуздӣ рафт,
Хирсака Ору… надид.
Хирсак асал хӯрду рафт,
Харгӯша Ору газид!

## АСПИ АЛО

Як аспи ало будаст,
Ҳай аспи бало будаст!

Дар пешгаҳи деҳа,
Дар пушти саро будаст.

Аз байни гала рафта,
Машғули чаро будаст.

Дар домани сабзи дашт,
Дар дашти само будаст.

Дар дашти само?
                                        Он ҷо
Вай чуну чаро будаст?

Э, аспи ало не!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вай…

Як абри сиё будаст!

## ДАР ТАНҲОӢ

Як ҷо нишастаам ман,
Танҳо нишастаам ман.
Як ҷо чаро нишинам?
Танҳо чаро нишинам?
Оҳиста дар кушодам,
Озода пар кушодам.
Аз остон паридам,
Бар осмон паридам.
Рӯйи ҷаҳон аҷиб аст,
Давру замон аҷиб аст…
Исто, куҷо расидам?
Э, то само расидам!
Дар рӯйи Маҳ нишастам,
Армони дил шикастам!
Ин ҷо, вале, чӣ манзил?
Аз диданаш чӣ ҳосил?
Ин ҷо на бӯю на ранг?!
Дил танг шуд, нафас танг!
Ин ҷо чаро ҳаво нест?
Дарди маро даво нест?
Ин роҳи бенишон аст!
Баргаштанам гумон аст!
Бар хона чун бигардам?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй вой, ман чӣ кардам?!
Чашмони худ кушоям,
Биншастаам ба ҷоям!

## ҚИССАИ РОСТ

Кӯҳе чуқур,
Бетак бувад!
Ин гап дуруст,
Бешак бувад!

Чоҳе – баланд,
Беҳад баланд!
Бовар бикун
Бе чуну чанд!

Ҷӯе хазад
Дар об шод,
Кӯе вазад
Бар сӯйи бод.

Дар пушти хар
Роҳе равон,
Сагро барад
Як устухон.

Тал дар шутур



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дорад чаро,
Расме  кашад
Духтарчаро.

Дар чор кас
Шинад кате,
Хонандаро
Хонад хате.

Ноне хӯрад
Як гушнаро,
Обе хӯрад
Як ташнаро.

Як мушро
Тухме барад,
Як гурбаро
Муш оварад.

Сар – дар замин,
По –  дар ҳаво,
Мукӣ – ба сар,
Тоқӣ – ба по.

Дӯзандаро
Дӯзад либос,
Ин қисса – рост,
Монанди дост!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

(Сурудҳо)

## СУРУДИ УМУМИҶАҲОНИИ БАЧЧАҲО

Мо сафедему зарду сиёҳ,
Яксар аммо ҳама одамем,
Нури чашмони модар-падар,
Субҳи уммеди як оламем.

Нақарот:
То ки дар рӯи олам дигар
Раҳ набошад ба ҷанги навин,
Давра бандему бо ҳам шавем
Даврабанде ба даври Замин!

Беадад гарчи моро забон,
Беадад гарчи моро Ватан,
Мо вале баҳри сулҳи ҷаҳон
Якдилу яктану яксухан.

Нақарот.

Гарчи ҳоло ҳама наврасем,
Мешавад ҷумла фардо калон,
Қисмати худ ба мо медиҳад



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо дили пур Замину Замон.

Нақарот.

## КИШВАРИ ТОҶИКОН

Аз хандаи рухсорат
Гулханда ба рухсор аст,
Аз меҳри шарарборат
Моро дили саршор аст.

Нақарот:
Эй кишвари тоҷикон,
Ту модари дилбандӣ,
Чун ҷону ҷигар бо ҳам
Моро ту бипайвандӣ.

Мо гирди ту мегардем,
Бо ҳам рада мебандем,
Аз меҳри ту меболем,
Аз бахти ту механдем.

Нақарот.

Аз ҷумла ҷаҳон оянд
Бар ҷашни саиди ту,
Пирӯзу муборак бод



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Толеи сафеди ту!

Нақарот.

## СОМОНИ ТОҶИКИСТОН

Сад рангу накҳат ин ҷо
Гулханди як баҳор аст,
Сад қавму миллат ин ҷо
Фарзанди як диёр аст!

Нақарот:
Моро канори модар
Домони Тоҷикистон,
Моро ба ҷон баробар
Сомони Тоҷикистон!

Ин ҷо шавад муҳайё
Ҳар орзу, ки дорем,
Як пораи Ватан мо,
Ҳар рангу бӯ, ки дорем.

Нақарот.

Бо меҳру шафқати ӯ
Ҳоло калон бигардем,
То мо ба хидмати ӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Фардо равон бигардем.

Нақарот.

## ДУШАНБЕ

Ту некӯтаринӣ,
Ту дилҷӯтаринӣ,
Ту хушрӯтаринӣ,
Душанбе! Душанбе!

Ту шаҳри сафоӣ,
Хушобу ҳавоӣ,
Ту дар дида ҷоӣ,
Душанбе! Душанбе!

Сафи арчаҳоят
Чу духтарчаҳоят,
Хушо кӯчаҳоят,
Душанбе! Душанбе!

Чунонам хуш ойӣ,
Диламро кушойӣ,
Ба ҷонам ту шойӣ,
Душанбе! Душанбе!

Ту хушсарнавиштӣ,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ту анбарсириштӣ,
Ту боғи биҳиштӣ,
Душанбе! Душанбе!

## МОДАРАМ

Аз ҳама нозанин,
Аз ҳама меҳрубон,
Аз ҳама, аз ҳама
Беҳтарин дар ҷаҳон!

Модарам! Модарам!
Соябони сарам!

Бо ту дар зиндагӣ
Хушдилам, хушдилам,
Бо ту осон бувад
Мушкилам, мушкилам!

Модарам! Модарам!
Соябони сарам!

Бо ту пайвастаам
Ончунон!Ончунон! –
Сар ба сар, мӯ ба мӯ,
Дил ба дил, ҷон ба ҷон!

Модарам! Модарам!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Соябони сарам!

## НОМА БА ПАДАР

Эй падар, кай мебиёӣ аз сафар?
Аз сафар кай мебиёӣ, эй падар?
Гуфта будӣ, зуд меойӣ, вале
Дер кардӣ, дер кардӣ ин қадар?
Зуд боз о, ҷон падар, ҷонон падар!

Гӯшу ҳуши додарам доим – ба дар,
Хоҳарам дар интизорат – зортар,
Ман шудам хуниндил аз дурии ту,
Модари бечораам – хунинҷигар.
Зуд боз о, ҷон падар, ҷонон падар!

Эй барои мо зи ҷон арзандатар,
Бар Ватан боз о, ки дурӣ бас дигар!
Бе сутуни қоматат дар хонадон
Зиндагӣ моро гарон омад ба сар.
Зуд боз о, ҷон падар, ҷонон падар!

Дидани дидори ту – армони мо,
Хаста шуд дар роҳи ту чашмони мо,
Чун биёӣ, аз фараҳ гул мекунад
Хонаю бому дару айвони мо!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зуд боз о, ҷон падар, ҷонон падар!

## ХОЛАҶОН

Дар саҳни ин гулистон
Беҳтар чӣ? Лола беҳтар!
Дар байни ҷумла хешон
Беҳтар кӣ? Хола беҳтар!

Нақарот:
Сар бар само бисоям,
Ҳар бор агар худ ойӣ! –
Ай холаҷон, бароям
Ту ҳадяи худойӣ!

Пурнур дидагонам
Аз чеҳри холаҷон аст,
Масрур ҷисму ҷонам
Аз меҳри холаҷон аст.

Нақарот.

Гирад маро чу дар бар,
Сад ҷон ба ҷонам ояд.
Баҳ-баҳ, ки бӯйи модар
Аз холаҷонам ояд!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Нақарот.

СУРУДИ АЪЛОХОНҲО

Дастони меҳраш бар сар ки дорем,
Халқу Ватанро мо дастиёрем.
То кори неке кардан тавонем,
То аз барояш суде расонем.

Нақарот:
Аъло бихонем!
Аъло бидонем!
Ҳар корро мо
Аъло тавонем!

Шодону хандон аз ҳусни таҳсил
Фардо барояд ҳар кас ба таътил,
Аъло барояш – сайру саёҳат,
Аълост хониш – аъло фароғат.

Нақарот.

Гулғунчаҳои боғи диёрем,
Фардои неки ин рӯзгорем.
Дар роҳи дониш шоиста бошем,
То ҳар чӣ беҳтар донистa бошем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нақарот.

## ҲАФТ ОВОЗИ МУСИҚӢ

Ҳафт овози мусиқӣ
Бунёди ҳар оҳанг аст,
Ҳафт овози мусиқӣ
Бо ҷону дил ҳамранг аст.

Нақарот:
До-ре-мӣ-фа-сол-ла-сӣ,
Сӣ-ла-сол-фа-мӣ-ре-до!
Ло-ле-лӣ-ла-лол-ла-лӣ,
Лӣ-ла-лол-ла-лӣ-ле-ло!

Моро бар по хезонад,
Моро дар ҷо биншонад,
Хандонад гоҳе моро,
Моро гоҳе гирёнад.

Нақарот.

Ҳафт овози мусиқӣ
Ҳафт овози гулбез аст!
Осон мехонад бо мо,
Зеҳни ҳар кас ки тез аст!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Нақарот.

## НАВРӮЗӢ

О, чашма ба ҷӯшояд,
Бо шавқу хурӯш ояд,
Оҳанги тару сабзаш
Шодона ба гӯш ояд.

Олам чӣ дилафрӯз аст!
Аз омади Наврӯз аст!

О, сабза сар афрозад,
Қолини нав андозад,
То боди сабо ояд,
Дар саҳни чаман бозад.

Олам чӣ дилафрӯз аст!
Аз омади Наврӯз аст!

Дар саҳни чаман булбул
Ҳар дам фиканад ғул-ғул,
Ҳар сӯй бувад сарсабз,
Ҳар кӯй бувад, пургул.

Олам чӣ дилафрӯз аст!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз омади Наврӯз аст!

БОРОНАК

Чак-чак борон меборад,
Моро шодон медорад.
Оби борон – роҳатбахш,
Савти борон мефорад.

Нақарот:
Чак-чак, чак-чак, чакачак, чак!
Чак-чак, чакакак, чак-чак, чак!

Борон шӯяд гулҳоро,
Боғу дашту саҳроро.
Борон тоза гардонад
Ҷону дилҳои моро.

Нақарот.

Рӯҳи мо равшан гардад,
Шаҳри мо гулшан гардад.
Кӯҳу пушта аз лола
Ҳамсони гулхан гардад.

Нақарот.

Борад, то гулҳо рӯянд,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

То духтарҳо сар шӯянд,
То баччаҳо гул чинанд,
То модарҳо гул бӯянд!

Нақарот.

## ҲУЛБӮ БАРОМАД

Дар пушти ҳар кӯ,
Дар пеши ҳар ҷӯ,
Рӯида чун гул
Ин сӯву он сӯ,
Бар ҷону дилҳо
Дармону дору:
Ҳулбӯ баромад!
Ҳулбӯ баромад!

Бо савти борон,
Бо бӯйи форон,
Бинмуда бар мо
Ҳусни баҳорон,
Афзуда ҳар ҷо
Шодии ёрон:
Ҳулбӯ баромад!
Ҳулбӯ баромад!

Ин фасли некӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ё кард ҷоду:
Дар кунҷи ҳар лаб,
Дар банди ҳар мӯ,
Ин гуна зебо,
Ин гуна дилҷӯ
Ҳулбӯ баромад!
Ҳулбӯ баромад!

## ФАРДОИ ДУРАХШОН

Рӯзе ки ба тахт омад
Исмоили Сомонӣ,
Чун ахтари бахт омад
Аз олами нуронӣ.

Хуршеди саодат тофт
Дар манзили тоҷикон,
Аз нур башорат ёфт
Ҷону дили тоҷикон.

Нақарот:
Имрӯз, ки меҳрафрӯз
Аз машъали Сомон аст,
Дар пушти дари имрӯз
Фардои дурахшон аст!

Мо чун шараре ҳастем



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз гулхани Сомонӣ,
Гулҳои таре ҳастем
Аз гулшани Сомонӣ.

Чун ҷумлаи наздикон
Хурсанд ба ҳам бошем!
Чун ҷумлаи тоҷикон
Пайванд ба ҳам бошем!

Нақарот

## РАМЗИ МЕҲР

Гул рамзи бахт аст,
Гул рамзи меҳр аст,
Гулро чӣ сиррест?!
Гулро чӣ сеҳр аст?!

Биниву бӯйӣ
Ҳар ҷо гули тар,
Дар ҷисмат ояд
Як ҷони дигар.

Шоду шукуфон
Ҳар ҷо гул ояд,
Гулғунчаи меҳр



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Он ҷо кушояд.

Худ зиндагонӣ
Бо гул гуворост,
Худ ин заминро
Гул зебу орост.

Бигзор, олам
Гулбез бошад,
Раҳ сӯи фардо
Гулрез бошад!

## ШУКРОНАҶОНИ МО

Чашмони шӯълабор,
Мижгони хушқатор,
Рухсори чун анор,
Монанди навбаҳор –

Шукронаҷони мо!
Шукронаҷони мо!

Пайваста абрувон,
Гулдаста гесувон,
Дасташ – пари қувон,
Гашташ – чу оҳувон. –



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шукронаҷони мо!
Шукронаҷони мо!

Гиряд ҳазин – ҳазин,
Хандад маҳин-маҳин,
Ҳай-ҳай, чӣ нозанин!
Таҳсину офарин! –

Шукронаҷони мо!
Шукронаҷони мо!

Пурсони ӯ – ҳама,
Ҷӯёни ӯ – ҳама,
Пазмони ӯ – ҳама,
Қурбони ӯ – ҳама. –

Шукронаҷони мо!
Шукронаҷони мо!

Марҷонакаш чӣ хел
Дар гарданаш – ҳамел?!
Як духтари асил
Бошад ба сад далел!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шукронаҷони мо!
Шукронаҷони мо!

## ШАМШОД

Ин хур(д)тарак кист?
Ин шаҳпарак кист?
Ин духтарак кист?
Тоҷи сарак кист?
Шамшод! Шамшод!
Ҳай-ҳай, хуш ой,
Дилро кушой,
Чун рӯшной
Дар ҷони мой,
Шамшод! Шамшод!
Хушқаддуқомат,
Хушрафтуомад,
Бошо саломат,
Қурбони номат,
Шамшод! Шамшод!
Як дони ангур,
Як тори танбӯр,
Бар ҷумла – манзур,
Аз чашми бад – дур,
Шамшод! Шамшод!
Рӯйи кушодӣ,
Хандону шодӣ,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Некӯниҳодӣ,
Нахли муродӣ,
Шамшод! Шамшод!

## ТАЪТИЛ ШУД!

Як соли пурҳосил гузашт,
Бар илми мо қоил гузашт,
Хондем чун бо хушдилӣ,
Имсол ҳам хушдил гузашт.

Нақарот:
Хуш фасли тобистон расид,
Таътил шуд! Таътил шуд!
Таҳсил бар поён расид,
Таътил шуд! Таътил шуд!

Дар ҳар кучо коре кунем,
Бар ҳамдигар ёрӣ кунем,
Санҷида илми хешро,
То дар амал ҷорӣ кунем.

Нақарот.

Даври сарафрозӣ шавад,
Хуш кору хуш бозӣ шавад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

То мо зи вай розӣ шавем,
То вай зи мо розӣ шавад.

Нақарот.

ПОЙГА

Ҳай-ҳай, саманди зебо,
Ҳай-ҳай, даванди зебо,
Мо ҳам ба пойга тозем,
Бо ҳам ба пойга тозем,
Чу, аспакам! Ҳа, чу! Чу!

Мо то куҷо битозем?
То марра мо битозем!
Ҳушёр шав, самандам,
Тайёр шав, самандам,
Чу, аспакам! Ҳа, чу, Чу!

Кас нагзарад гар аз хеш,
Пас нагзарад зи кас пеш.
Бигзар зи хеш, ҷонам!
Танҳо ба пеш, ҷонам!
Чу, аспакам! Ҳа, чу! Чу!

Сад асп агар давонанд,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бигзашта кай тавонанд?!
Кам монд то ба марра!
Ҳа, марра! Марра! Марра!..
Чу, аспакам! Ҳа, чу! Чу!

## АЛВОНЧАК

Бо Сорои хандончак
Биншинам дар алвончак.
Алвончак зебо бошад,
Алвончак тилло бошад.

Ҳайё, ҳайё, ҳайё, ҳу!
Ҳайё, ҳайё, ҳайё, ҳу!

Моро якҷо бардорад,
Авҷи аъло бардорад.
Моро поин боз орад,
Ҳамчун шоҳин боз орад.

Ҳайё, ҳайё, ҳайё, ҳу!
Ҳайё, ҳайё, ҳайё, ҳу!

Сороҷони хандончак
Осояд дар алвончак.
Завқида шиштан гирад,
Хандида шиштан гирад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳайё, ҳайё, ҳайё, ҳу!
Ҳайё, ҳайё, ҳайё, ҳу!

## ДУХТАРЧАИ ГИРЁНАК

Духтарчаи гирёнак,
Кай мешавӣ хандонак?
Аз мо ҷудо мегардӣ?
Ай, дар куҷо мегардӣ?
Дамсози мо бош, охир!
Ҳамбози мо бош, охир!

Духтарчаи гирёнак,
Кай мешавӣ хандонак?
Як ҷо чаро биншинӣ?
Танҳо чаро биншинӣ?
Бо мо биё, бозӣ кун!
Ҳамроҳи мо бозӣ кун!

Духтарчаи гирёнак,
Ҳай-ҳай, шудӣ хандонак!
Акнун ҷудо хурсандӣ,
Монанди мо механдӣ!
Ҳамроҳи ёрон бошӣ,
Хурсанду хандон бошӣ!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## КУРТАИ НАВ

Думара-думара, думара-дум,
Дамара-дамара, дамара-дам!
Оҳ, чӣ хушрӯ шудам!
Воҳ, чӣ зебо шудам!

Думара-думара, думара-дум,
Дамара-дамара, дамара-дам!
Нағма занам худ ба худ,
Рақс кунам то худам!

Думара-думара, думара-дум,
Дамара-дамара, дамара-дам!
Чарх занам дум ба дум,
Ханда кунам дам ба дам!

Думара-думара, думара-дум,
Дамара-дамара, дамара-дам!
Ҷилва кунад ранг-ранг
Куртаи нав дар барам!

## МӮЯКИ МАН

Сила кунам, шона кунам,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бофаму чил дона кунам,
Қайчиат асло назанам,
Кӯтаҳат асло накунам.

Нақарот:

Мӯяки ман, мӯяки ман,
Мӯяки дилҷӯяки ман,
Кай ту дароз мешавӣ
То сари зонӯяки ман?

То бирасӣ хубу батоб,
Тоза бишӯям ба гулоб,
Кӯча барам шому саҳар,
Алла бигӯям дами хоб.

Нақарот.

Пӯпаку бандат бидиҳам,
Атру сипандат бидиҳам,
Созу дарозак бишавӣ,
Кулчаю қандат бидиҳам!

Нақарот.

## ХУШ БОШ, ФАСЛИ ГАРМО!

Эй даври офтобӣ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй мавсими дилафрӯз,
Бигзашт бо ҳисобе
Се моҳи ту чу се рӯз!
Хуш бош, фасли гармо!

Дар кӯҳу дашт моро
Хиргоҳи табъи дил буд,
Се моҳи ту – гуворо,
Се моҳи табъи дил буд!
Хуш бош, фасли гармо!

Дар ёди хонадон буд
Гаҳ тоқ тоқати мо,
Бо ҳам вале биафзуд
Меҳру садоқати мо!
Хуш бош, фасли гармо!

Мо одамони обӣ
Дар давраи ту будем.
Не, балки офтобӣ
Дар давраи ту будем,
Хуш бош, фасли гармо!

Омад чу даври хониш,
Мо сӯйи мактаб оем,
Бо роҳи илму дониш
Дар кӯйи матлаб оем!
Хуш бош, фасли гармо!

## ТИРАМОҲИ ЗЕБО

Меҳрат фузуда аз нав,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз нав шудӣ чу меҳмон,
Хуш омадӣ, қадам неҳ,
Дар дидагони пазмон!
Эй тирамоҳи зебо,
Зеботарини дунё!

Хуш пухта, хуш расида
Себу анору ангур,
Чун олами дили мо
Олам бувад пур аз нур!
Эй тирамоҳи зебо,
Зеботарини дунё!

Дасти кушодаи барг
Чун дасти боғдор аст,
Аз фарқи раҳгузорон
Ҳар шоха зарнисор аст!
Эй тирамоҳи зебо,
Зеботарини дунё!

Бо омадат биёбад
Таҳсили мо ҳам оғоз,
Дар васфи ту бихонем
Якҷоя бо як овоз:
– Эй тирамоҳи зебо,
Зеботарини дунё!

## РОҲИ САФЕД, ТУРНАҲО!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Яксара пар кушодаед,
Боли сафар кушодаед.
Дар саратон хаёли чист?
Дар дилатон малоли чист?
Меҳри Ватан ба ҷон бувад!
Тарки Ватан гарон бувад!
Нағз равед, турнаҳо!
Роҳи сафед, турнаҳо!

Ваҳ, чӣ ҳаво гирифтаед!
Авҷи само гирифтаед!
Азми наву суботи нав!
Фасли наву ҳаёти нав!
Чун ҳама як қаторак аст,
Ин сафари муборак аст!
Нағз равед, турнаҳо!
Роҳи сафед, турнаҳо!

Соли дигар чу саф кашед,
Саф чу ба ин тараф кашед,
Тоза кулаҳ ҳаво диҳем,
То ба фалак садо диҳем:
– Турна қатор омадаст!
– Фасли баҳор омадаст!
Нағз равед, турнаҳо!
Роҳи сафед, турнаҳо!

## ЗИМИСТОН

Табиат кори дигар кард имрӯз,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳавои мӯътадил шуд сард имрӯз,
Дилу ҷонро сафо овард имрӯз,
Зимистон бар шумо бодо муборак!

Гаҳе дарҳам шуда, гаҳ карда пар боз,
Ба ҳар сӯ мурғакон оварда парвоз,
Суруде медиҳанд ин гуна пардоз:
– Зимистон бар шумо бодо муборак!

Раҳу рӯ ранги дигар дорад акнун,
Ҳаво сард асту моро форад акнун,
Шакарбарфе чу шаккар борад акнун,
Зимистон бар шумо бодо муборак!

Чӣ хуш, кас рӯи барфи тоза тозад,
Қатор одамчаҳо аз барф созад,
Зи барфи бешу кори хеш нозад,
Зимистон бар шумо бодо муборак!

Чунон барфе, ки ҷонро тоза дорад,
Ҷаҳонро бо тариқи нав нигорад,
Ба дунё барф аз ин хуштар наборад,
Зимистон бар шумо бодо муборак!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БАРФАК

Барф борад,
Барф борад,
Барфаке лоло биборад!
Барфи хушрӯ,
Барфи дилҷӯ,
Барфи завқи мо биборад!

Ҳамчу ахтар,
Ҳамчу шаккар,
Ҳамчу тармарҷон бирезад,
Дар ҳама кӯ,
Дар сару рӯ,
Дар дилу дар ҷон бирезад.

Шаҳпараксон,
Шӯху рақсон,
Гирди ҳам шодона тозад,
Хуш навое,
Бе садое,
Гӯши ҷонҳоро навозад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шаҳри моро
Зебу оро
Ҳар нафас афзун бигардад,
Дил парафшон,
Дида рахшон,
Чеҳраҳо гулгун бигардад.

Барф борад,
Барф борад,
Барфаке лоло биборад!
Барфи хушрӯ,
Барфи дилҷӯ,
Барфи завқи мо биборад!

КАЛИДЧАИ ЗАРРИН

Ту калиди тиллоӣ,
Ту калиди дилҳоӣ,
Базми мо ту ороӣ,
Азми мо ту афзоӣ!

О, калидчаи заррин!
О, калидчаи заррин!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Қуфли ҳар муамморо
Бо тилисми худ во кун,
Шавқу рағбати моро
Ҳар дақиқа боло кун.

О, калидчаи заррин!
О, калидчаи заррин!

Бо умеду хоҳишҳо
Сӯйи ту назар бандем,
Аз пайи кушоишҳо
Ҳамчу ту камар бандем.

О, калидчаи заррин!
О, калидчаи заррин!

## СӮЗАНАК

Эй, ки туӣ чун боди вазон,
Не, не, ҳастӣ беҳтар аз он!
Гар бипарӣ, зебо бипарӣ,
Ҳамчу ҳавопаймо бипарӣ!
Чобуку часпон, сӯзанак, эй!
Сӯзанак, эй ҷон, сӯзанак, эй!

Дар бари боғу дар лаби ҷӯй,
Хушпаруболу хушсаруруӣ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гар бинишинӣ чун пари қу,
Дил бинишинад дар бари ту!
Сӯзани тилло, сӯзанак, эй!
Зеби тамошо, сӯзанак, эй!

Сар-сари обе гар бипарӣ,
Бо сару пои тар бипарӣ.
Ё ту гуливу пар бизанӣ?
Пар бари нилуфар бизанӣ?
Эй гули паррон, сӯзанак, эй!
Сӯзанак, эй ҷон, сӯзанак, эй!

Ин чӣ пар асту ин чӣ намуд?
Сабзу бунафшу сурху кабуд!
Ҳусни ту ҳуши мо бирабуд!
Рақси ту шавқи мо бифузуд!
Хуш пару хуш мон, сӯзанак, эй!
Сӯзанак, эй ҷон, сӯзанак, эй!

## ОБАКИ ШИРИН

Обаки мо, обаки ширини мо,
Ёраки мо, ёраки дерини мо!
Ваҳ, ту чи сон тозаю тобандаӣ,
Чун дили мо, дидаи хушбини мо?!

Нақарот:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Соф бимон, пок бимон, хуш бимон,
Обаки мо, обаки нӯшини мо!
Об наӣ, об наӣ, балки ҷон,
Ҷонаки мо, ҷонаки ширини мо!

Пеши раҳат сар бикашад, гул кунад
Сабзаи мо, лолаю насрини мо!
Бо ту бувад хурраму зебо ҳаёт,
Ҳамдами мо, ҳамраву ҳамшини мо!

Нақарот.

Пок бидорем туро доимо,
Баски туӣ пок чу оини мо!
Гар ҳама олам шунавад, месазад
Савти туву шеваи таҳсини мо!

Нақарот.

## ОФТОБАК

Боре, пагоҳирӯзӣ,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аз рӯйи худфурӯзӣ,
Бархест Офтобак,
Хандон зи ҳусни хобак.
Покиза шуст рӯро,
Оро бидод мӯро.
Пас чойи гарм нӯшид,
Шодона мӯза пӯшид.
Зарринқабо ба бар кард,
Зарринкулаҳ ба сар кард.
Оинаро нигаҳ кард,
Худро ба тартиб овард.
Хандон ба раҳ баромад,
Бо сад фараҳ баромад.
Аз кӯҳ чун гузар кард,
Бар пешу пас назар кард.
Аз пушта гашту аз хам,
Олам бидиду одам.
Бо як саломи гарме
Гармӣ дамиду нармӣ.
Оҳиста пас равон шуд,
Рӯ сӯйи Некувон шуд.
Ин деҳ, ки Некувон буд,
Як деҳаи калон буд.
Деҳ пур зи баччагон буд,
Ҳар бачча шодмон буд.
Ӯ дид кӯдаконро,
Як фавҷи шодмонро.
Озодаанду дилҷӯ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хушҳолу ҷумла хушрӯ.
Бар пешвозаш оянд,
Аз тахти дил сароянд:
– Хушрӯст Офтобак!
Дилҷӯст Офтобак!
Равшангари ҷаҳон аст,
Гармии ҷисму ҷон аст.
Шодон ҳамеша бодо!
Тобон ҳамеша бодо!...
Шодон шуд Офтобак,
Тобон шуд Офтобак.
Табъаш кушода гардид,
Нураш зиёда гардид.
Саргарми ин тамошо
Истод як дам ин ҷо.
Ин ҷо яке писар буд,
Кору гапаш дигар буд.
Буд Шамс гарчӣ номаш,
(Нобуди феъли хомаш!)
Тарсон зи об буд ӯ,
Аз он ҳимоб буд ӯ.
Ношуста дасту рӯяш,
Ҷӯлида буд мӯяш.
Танбеҳи беш дида,
Сад таънаро шунида.
Парво накарда аммо,
Асло накарда парво.
Мегашт мисли пешин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо дасту рӯйи чиркин…
Вақте ки Офтобак
Истода аз раҳ андак,
Бо шавқи дил назар дӯхт,
Чашме ба ин писар дӯхт.
Диду дилаш сияҳ шуд,
Нохуш аз ин нигаҳ шуд.
Чун диданаш нафорид,
Нураш дигар наборид.
Аз Шамс вай ҳазар кард,
Рӯ ҷониби дигар кард.
Аз пушти абр раҳ ҷуст,
Гардид аз назар руст.
Чун аз назар панаҳ шуд,
Олам чу шаб сияҳ шуд.
Ғавғои бачаҳо хест:
– Ин корро сабаб кист?
Шамс аст! Ӯ – сабабгор!
Аз пушти Шамс ин кор!
Пас гуфт ҳар кас ӯро,
Ношустадастурӯро:
– Эй Шамс, рӯ нашӯӣ?
– Рӯ аз чӣ рӯ нашӯӣ?
– Шарме магар надорӣ?
– Моро дигар нафорӣ!
– Ҳозир ба хонатон тоз!
– Шӯ дасту рӯи худ соз!
– Дигар ту мисли мо шав!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Аз пеши мо ва ё рав!..
Шамс аз ҳаё пакар шуд,
Ранги рухаш дигар шуд.
Ночору хастадил шуд,
Бисёр ҳам хиҷил шуд.
Аз байни баччаҳо рафт,
Бе ҳарфу бе ҳиҷо рафт.
Бар хона омад ӯ чуст,
Покиза дасту рӯ шуст.
Як сода баччае шуд,
Озода баччае шуд.
Оинаро чу ӯ дид,
Худро чӣ сон накӯ дид:
Дар ханда чашму рӯяш,
Рахшанда – тарҳи мӯяш.
Дандон варо дурахшад,
Ҷонро сафо бубахшад.
Хушрӯйтар зи ӯ кист?
Дилҷӯйтар зи ӯ кист?
Ҳусне пуробу тобак,
Монанди Офтобак!
Баргашту шод омад,
Тозон чу бод омад.
Яксар ба ӯ нигаштанд,
Диданду хуш бигаштанд.
Чун Офтобакаш дид,
Хушҳол гашту хандид.
Аз қаҳри худ фуромад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тобандатар буромад.
Бо дастакони нармаш,
Оғӯш карда гармаш,
Бозиш карду нозиш,
Пас гуфт бо навозиш:
– Аввал, чу ботамизӣ,
Хандон зи хоб хезӣ.
Пас тоза дасту рӯ шӯй,
Бо завқ шона зан мӯй.
Шустори гардану гӯш
Дигар макун фаромӯш.
Лифе занӣ ба дандон,
Зебад даҳони хандон.
Чун шустушӯй кардӣ,
Хурсанду шод гардӣ.
Ҳар кас ки ёри об аст,
Дилхоҳи Офтоб аст! –
Ин гуфту бо шитобак
Роҳӣ шуд Офтобак…
Зеро ки дар ҳама ҷо –
Дар боғу кӯҳу саҳро,
Дар шаҳру рустоҳо,
Дар ҳар канори дунё,
Бисёр баччагонанд
Бар Офтоб монанд:
Шодон зи хоб хезанд,
Хандон зи хоб хезанд.
Хезанд бо шитобак



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо ёди Офтобак.
Покиза шуста рӯро.
Поянд роҳи ӯро.
Дар роҳаш интизоранд,
Бо дидагони чоранд.
Аз диданаш чу фарзанд
Гарданд ҷумла хурсанд.
Бар пешвозаш оянд,
Аз тахти дил сароянд:
– Хушрӯст Офтобак!
Дилҷӯст Офтобак!
Равшангари ҷаҳон аст!
Гармии ҷисму ҷон аст!
Шодон ҳамеша бодо!
Тобон ҳамеша бодо!
Зеро ки Офтобак
Танҳост дар ҳисобак.
Аз баҳри ҷумла яктост,
Яктои олами мост!

## ОҒОЗИ РӮЗ

Хоб маро боб кард,
Боб маро хоб кард.
Вақт расиду нарафт,
Субҳ дамиду нарафт.
Дар бари ман монд хоб,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар сари ман монд хоб.
Қанд бидод ӯ маро,
Фанд бидод ӯ маро:
– Боз каме хоб рав!
Боз даме хоб рав!
Э, нашитоб ин қадар,
Бистари худ каш ба сар!
Нарм бувад болишам,
Гарм бувад хоҳишам.
Роҳати одам манам,
Лаззати олам манам.
Хоб бикун як дамак,
Хоб бикун беғамак…
Кош, ки хезам зи хоб,
То бигурезам зи хоб.
Зӯр вале хоби ман,
Хоб диҳад тоби ман.
Ҳуш куҷо шуд, ки боз
Мебарадам хоби ноз?!
Аз бари як гӯши ман
Амр диҳад ҳуши ман:
– Дар дами рӯзи калон
Хоб нарав, эй фалон!
Гӯш накун хобро,
Зан ба сараш обро!
Хоб чу оташ бувад,
Об азобаш бувад!
Бар сари хобат ситез!
Хоб нарав! Хез! Хез!..



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хезам агар ман зи ҷой,
Хоб кашад дасту пой:
– Бош ба ҷогоҳи худ!
Худ нашав огоҳи худ!
Хоҳиши ҷон – хоби хуш!
Ромиши ҷон – хоби хуш!
Ҳеҷ ба ҳушат наё,
Алла бикун, аллаё…
Боз ғанаб мебарад,
Хоби аҷаб мебарад.
Ҳуш бигӯяд маро:
– Вой, ки сустӣ чаро?!
Боз ғанаб меравӣ?!
Хоби аҷаб меравӣ?!
Дар дами рӯзи калон
Хоб нарав, эй фалон!
Бар сари хобат ситез!
Хоб нарав! Хез! Хез!..
Чуст бихезам зи ҷой,
Рост биистам ба пой.
То зи худ огаҳ шавам,
Дур зи ҷогаҳ шавам.
Зуд равам сӯйи об,
Даст занам бо шитоб…
Об ба дастам расид,
Хоб зи чашмам парид.
Об ба рӯям чу рехт,
Хоб тамоман гурехт.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳуш ба ман ёр шуд,
Рӯҳ ба тан ёр шуд.
Шукри Худо, соз шуд,
Рӯзи нав оғоз шуд!

## БАЧЧАҲОВУ КӮЧАҲО

Дил очаро ба бачча,
Дил баччаро ба кӯча.
Бо кӯча баччаҳо шод,
Бо бачча кӯчаҳо шод.
Бе кӯча баччаҳо зиқ,
Бе бачча кӯчаҳо зиқ.
Аз кӯча бачча розӣ,
Аз бачча кӯча розӣ!
Шаб рахт чун бибандад,
Чун рӯз хуш бихандад,
Духтарчаю писарча,
Чун баччаи як оча,
Шодон ба кӯча тозанд,
Хандон чу ғунча тозанд.
Дар кӯча бо ҳам оянд,
Хурсанду хуррам оянд.
Ҳай кӯчашон хуш ояд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар кӯча дил кушояд.

Кардаст ҷумларо дӯст,
Ин гуна кӯча некӯст!

Ҳангоми шом чун шуд,
Бозӣ тамом чун шуд,

Яксар ба хона тозанд,
Бо ҳар баҳона тозанд.

Ҳарчанд «оҳу вой»-анд,
Бо рӯ ба хона оянд,

Ҳарчанд дарди поянд,
Дар пояшон напоянд,

Ҳарчанд гушна бошанд,
Ҳарчанд ташна бошанд,

Дил банди кӯчаҳоянд,
Хурсанди кӯчаҳоянд.

Шаб ҳамчу кулча хобанд,
Бо ёди кӯча хобанд.

Аз хоб бачча хезад,
Бо ёди кӯча хезад.

Аз хоб кӯча хезад,
Бо ёди бачча хезад.

Гар бачаҳо нахобанд,
Пас кӯчаҳо нахобанд.

Гар бачаҳо нахезанд,
Пас кӯчаҳо нахезанд.

Бе бачча кӯча холист,
Бе бачча кӯча худ чист?!

Ба бачча кӯчаҳо зор,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

То субҳ нимабедор,
Ҳастанд тору хомӯш,
Ҳастанд дидаю гӯш,
То баччаҳо бароянд,
Бар кӯчаҳо бароянд.
Ҳар сӯй то битозанд,
Якҷоя то бибозанд.
Ҳар чизаке ки доранд,
Бо худ ба кӯча оранд.
То кӯчаҳо шавад пур,
Аз баччаҳо шавад пур.
То баччаҳо биболанд,
То кӯчаҳо биболанд.
Гар баччаҳои дунё,
Бо ҷумла шӯру ғавғо,
Дар кӯчаҳо нағунҷанд,
Дар ҳеҷ ҷо нағунҷанд…
Ин ҳарф ҳарфи нав нест,
Ҷойи гапу гарав нест,
Ҳар бачча донад инро,
Ҳар кӯча донад инро:
Дил очаро ба бачча,
Дил баччаро ба кӯча.
Бо кӯча баччаҳо шод,
Бо бачча кӯчаҳо шод.
Бе кӯча баччаҳо зиқ,
Бе бачча кӯчаҳо зиқ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз кӯча бачча розӣ,
Аз бачча кӯча розӣ!

## ДУРДОНАИ ҶОНОНА

Дурдонаи ҷонона,
Кисаш – пури дӯлона.
Дурдонара хоб бурдаст,
Дӯлонара об бурдаст.
Дурдона зи хоби ноз
Кардаст чу чашмаш боз,
Бедор шудаст аз хоб,
Ҳушёр шудаст аз хоб.
Киса тагурӯ кардаст,
Ҳар сӯ назар ӯ кардаст.
Дидаст, ки чизе нест,
Ду кисаи ӯ холист.
Дарде – ба дилу ҷонаш,
Ашке – сари мижгонаш,
Бар хона равон гаштаст,
Не, балки давон гаштаст.
Дарду аламаш – дар ҷон,
Гуфтаст ба модарҷон:
– Ду кисаи ман холист?
Дӯлона ягонто нест?
Бурдаст касе оё?
Хӯрдаст касе оё?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дӯлона чаро гум шуд?
Дӯлона куҷо гум шуд?..
Гирди сари Дурдона
Модар шуда парвона,
Бар духтари маҳтобаш,
Бар гавҳари ноёбаш,
Бар чашми пур аз обаш,
Бар чеҳраи бетобаш,
Бар ҳусни гули хораш,
Бар ҳоли дили зораш,
Баргашта назар кардаст,
Аз меҳр ба бар кардаст.
– Эй духтари ҷон, - гуф-таст,
Дар ғусса намон, - гуфтаст.
Бурдаст равон обаш,
Бо мавҷаки пуртобаш.
Ҳар бачча, ки хобӣ шуд,
Дӯлонааш обӣ шуд.
Чун об варо бурдаст,
Пас об варо хӯрдаст.
Бигзашт чу оби ноз,
Баргашта наёяд боз.
Дӯлона, ки шуд обӣ,
Дигар зи куҷо ёбӣ?
Он беҳ, ки ба хеш оӣ,
Аз ғусса биёсоӣ.
Эй ҷону дилу дида,
Осуда шав, осуда.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳалво бихуру нон хур,
Аз ин хуру аз он хур,
Аммо ту нагирй ин сон,
Гардад дили ман вайрон.
Дурдона вале – маҳзун,
Дарду аламаш – афзун.
Гирён бишудаст аз нав,
Бирён бишудаст аз нав.
На хӯрдаву на хуфтаст,
Бо дарду алам гуфтаст:
– Дӯлона ҳамехоҳам,
Дигар чӣ намехоҳам!..
Дурдона, ғамаш – бар ҷон,
Доштаст бародарҷон.
Номаш ба худаш – Фирӯз,
Будаст басе дилсӯз.
– Эй хоҳари ҷон, - гуфтаст,
Аз гиря бимон, - гуфтаст. –
Дӯлона магар қанд аст,
К-ин гуна хушояндаст?
На гӯшт ва на ҷазза!
На таъм ва на мазза!
Лек аз чӣ туро форад?
О, вай чӣ бало дорад?
Лекин ту нашав ғамгин,
Ғамгин ту нашав лекин.
Орам ба ту ман, эй ҷон,
Дӯлона зи кӯҳистон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

То боз шавӣ дилшод,
Аз ранҷу алам озод…
Рафтаст вай аз хона,
Овардани дӯлона.
Бар кӯҳу камар рафтаст,
Бар пуштаю ҷар рафтаст.
Сад роҳу макон рафтаст,
Рафтасту ҳамон рафтаст.
Ногаҳ ба сари роҳаш,
Аз пешу бари роҳаш,
Майдони калон дидаст,
Дӯлонамакон дидаст.
Ҳар сӯ – пури дӯлона,
Ҳар дона чу дурдона.
Дар шохааш – овезон,
Ҳар ҷо – ба замин резон.
Дар дида басо рахшад,
Дилро чӣ сафо бахшад…
Фирӯз чу ин дидаст,
Аз завқ бихандидаст.
Дӯлона сипас чидаст,
Бо шавқу ҳавас чидаст.
Чун донаи дур(р) чидаст,
Як халтаи пур чидаст.
Фирӯз ба пас гаштаст,
Озоданафас гаштаст.
Раҳ гаштаву раҳ гашта,
Беҳолу фараҳ гашта,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

То хона расидаст ӯ,
Сад ранҷ кашидаст ӯ.
Лекин чӣ фараҳманд аст!
Болидаву хурсанд аст!
Хурсанд, ки чун мард аст,
Дӯлона биёвардаст,
То хоҳари чун ҷонаш,
То хоҳари гирёнаш,
Шодон бишавад аз нав,
Хандон бишавад аз нав.
Вай омада дар хона,
Дар пешаки Дурдона.
Бораш ба замин мондаст,
Ӯро бари худ хондаст:
– Дурдонаи ҷон, - гуфтаст,
Пеш ой давон, - гуфтаст.
Бикшой зи рух чинро,
Аз ман бипазир инро!
Ғамгин нашав аз ин пас,
Шодона шав аз ин пас.
Духтарчаи хандон шав,
Чун ғунча шукуфон шав!..
Дурдона варо дидаст,
Чун ғунча бихандидаст.
Аз ғусса раҳо гаштаст,
Табъаш чӣ баҷо гаштаст.
Бар додари Фирӯзаш,
Ғамхорашу дилсӯзаш,
Гуфтаст: – Бародарҷон,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Меҳри ту маро дар ҷон!
Додам чӣ қадар заҳмат…
Бар ҳиммати ту раҳмат!
Дурдонаи ҷонона,
Аз пеши дари хона,
Аз нав лаби ҷӯ рафтаст,
Хандонлабурӯ рафтаст.
Дурдонара хоб бурдаст,
Дӯлонара об бурдаст.
Дӯлона – ба дасти об,
Дурдона чӣ? – Масти хоб.
Овоз нахонедаш,
Ором бимонедаш.
Рафтаст ба хоби ноз,
Як лаҳза бихобад боз.
Ман ҳам шавам осуда
Аз будаву нобуда.
Дурдона шавад бедор,
Афсона шавад такрор.

## ҚИССАИ ЯК ЗУККАХӯР

Як бор чӣ гапҳо шуд!
Бо турфа сабабҳо шуд!
Ин ҳодисаи нодир
Як бор бишуд зоҳир.
Аммо ҳамагон донанд,
Дар ҷумла ҷаҳон донанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Инро чу намедонӣ,
Бояд, ки худат хонӣ.
Гар хонда наметонӣ,
Бояд, ки бихононӣ.
То худ нашавад такрор
Ин ҳодиса дигар бор:
Як баччаи нодон буд,
Як бесару сомон буд.
Як ландаҳуре буд ӯ,
Як зуккахуре буд ӯ.
Пайваста арозаш буд,
Ҳай нози дарозаш буд.
Ҳар чизаки нопайдо
Мекард варо шайдо.
Нобуда дилаш мебурд,
Аз буда куҷо мехӯрд?!
Бар буда, ки наҳ мезад,
Ҳамвора манаҳ мезад:
– Нонам бару қандам деҳ!
– Як чизи писандам деҳ!
– Ошат зи чӣ бемазза?!
– Нонат зи чӣ беҷазза?!
– Чой аз чӣ надорад ранг?
– Санбӯса чаро чун санг?
– Угро чӣ? Хамир аст ин!
– Қаймоқ чӣ? Шир аст ин!...
Хӯрок ҳама – ганда!
Нӯшок ҳама – ганда!...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ёдаш бикунад ношод,
Он беҳ, ки наёрам ёд.
Як субҳ зи хоби ноз
Чун дида бикард ӯ боз,
Омад ба бараш модар,
Бигрифт сараш дар бар.
– Ай қанди дилам! – Гуфташ,–
Пайванди дилам! – Гуфташ. –
Шуд рӯзи калон инак,
Бархест ҷаҳон инак.
Ту низ зи ҷо бархез,
Аз хоби гарон парҳез!
Шӯ дасту рухон акнун,
Биншин сари хон акнун.
Бар ту, ки маро ҷонӣ,
Оростаам хоне…
Ин бачча, вале, ношуд,
Дар бистаракаш ҷо шуд.
Печид бари худро,
Пӯшид сари худро,
Бо одати дерин хуфт,
То домани пешин хуфт.
Пас модари бечора,
Даҳ бораву садбора,
Омад сари фарзандаш,
Фарзанди ҷигарбандаш.
Ӯ то ки зи ҷо бархост,
Аз ҷой ба по бархост,
То кор дуруст омад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

То рӯй бишуст, омад,
То бар сари хон омад,
Модар ба фиғон омад.
Дар рӯяки дастархон,
Буд шӯла варо пазмон.
Бар шӯла назар кард ӯ,
Аз шӯла ҳазар кард ӯ.
Аҳвол дигар шуд боз,
Ҷанҷол дигар шуд боз.
Бардошт яке овоз:
– Ту шӯла бипухтӣ боз?!
Дирӯз – ҳамин шӯла!
Имрӯз – ҳамин шӯла!
Безор шудам аз он!
Бардор варо аз хон!..
Шӯла ба сари хон буд,
Доруи дилу ҷон буд.
Хурсанд буд ӯ аз он:
Ҷо дошт ба рӯи хон.
Ҳам буд аз он дилшод:
Хон аст аз ӯ обод.
Ҳай гармаку ҷӯшон буд,
Чун шӯъла дурахшон буд.
Бишнид чун ӯ ин ҳарф,
Ҳарфи хунуке чун барф,
Гӯё ба дили покаш
Афтод яке оташ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бархост ҷаҳон аз ҷой,
Чун мавҷ бишуд барпой.
Якбора калон гашт ӯ,
Чун ғори даҳон гашт ӯ.
Он зуккахуракро дошт,
Дар нӯки забон бигзошт.
Печонду ба комаш кард,
Як луқмаи хомаш кард…
Ин қисса касе хонад,
Бояд ки накӯ донад:
Талх аст, вале дарс аст,
Дарс аст, бале, дарс аст!
Кас бар сари хон ояд,
Бо ҳурмати нон ояд.
Бо хотири шод ояд,
Бо рӯйи кушод ояд.
Ҳар чӣ, ки дар он бошад,
Чун нӯши равон бошад.
Хушку тару гарму сард,
Ҳаргиз натавон бад кард!
Ношукр набояд буд,
То нектар ояд зуд!

ҚАРОР

Аҳмад ба кӯча рафта,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз пушти тоз-тозист.
Раҳмат ба пушта рафта,
Аз пушти дорбозист.

Доно ба кӯҳ рафта,
Аз пушти кӯҳгардист.
Доро ба дашт рафта,
Дар каҳдарав чу мардест.

Аҳмад зи кӯча ояд
Бо ҳоли зору хаста.
Раҳмат зи пушта ояд
Бо дасти докабаста.

Бо пойҳои маҷрӯҳ
Доно бигардад аз кӯҳ.
Доро биёяд аз кор
Бас «оҳ» гуфтаву «ӯҳ».

Дар хона ман нишинам,
Ҷое нарафта боре:
Дасте, набаста коре,
Пое, нахаста хоре.

Доим чаро ман, охир,
Чун духтарак нишинам?
Э… духтарон, бубахшед,
Чун хур(д)тарак нишинам?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хоҳам, равам чу Аҳмад
Ман ҳам ба тоз-тозӣ.
Дар пушта ҳамчу Раҳмат
Кӯшам ба дорбозӣ.

Хоҳам, равам чу Доно
Ман ҳам ба кӯҳгардӣ.
Тоқат кунам чу Доро,
Гармист, ё ки сардӣ.

Ғалтам чӣ?
Хайр, ғалтам!
Мехезам, охир, аз ҷой!
Сад дард ҳам бубинам,
Боре нагӯям «Э вой!»

Мон, ки ба по халад хор!
Мон, ки зи дор афтам!
Инак, писар ки бошам,
Ман ҳам ба кӯча рафтам!

## ДИЛИ МАН

Аз ман ҳазорбора
Бебоктар дили ман,
Дар дору гири олам



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чолоктар дили ман.

Ман меравам ба хона
Чашме ба пеш баста,
Дил мекунад паропар
Дар боғу кӯю раста.

Бо ҳар кӣ мезанад гап,
Бо ҳар кӣ махӯрад об,
Бо ҳар кӣ мешавад дӯст,
Бо ҳар кӣ мехӯрад тоб.

Гоҳе равад ба шаҳр ӯ,
Гоҳе равад ба деҳа,
Бо ҳофизон саройд
Дар базмҳо бадеҳа.

Гоҳе равад ба баҳр ӯ,
Гоҳе равад ба кайҳон,
Дар назми меҳру анҷум
Бо дидагони ҳайрон.

Дил дар ҳавои Рустам
Бо дев мекунад ҷанг,
Дар ҷанги наррадевон
Девона мезанад чанг.

То номаи амонаш
Дар каф намениҳад дил,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сӯҳробро ба Рустам
Ҳаргиз намедиҳад дил.

Модаркалони ҷонро
Дил шаб равад ба дидан:
Афсона хуш ба такрор
Бошад аз ӯ шунидан.

Нурияро бубинад,
Парвона мешавад дил,
Сер аз гапу ҷамолаш
Асло намешавад дил.

Аз кокулони Зӯҳра
Дуздона мекашад боз,
То осмони ҳафтум
Пар мезанад чу шаҳбоз.

Ояд бараш пур аз гул
Аз авҷи осмонҳо,
Резад ба пои модар –
Дар роҳу остонҳо…

Аз ман ҳазорбора
Бебоктар дили ман,
Дар дору гири олам
Чолоктар дили ман.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ИН БАХТИ КИСТ?

Кампиракест, фартут,
Кампиракест, бас пир:
Гардида қоматаш хам,
Аз зиндагист дилгир.

Кампираке, ки поро
Душвор мекашад вай.
Дар роҳи умр танро
Чун бор мекашад вай.

Кампираке, ки хонад
Як пои худ асоро.
Як аср умр дида,
Монад ба асри нав по.

Кампираке, ки дилпур
Аз ӯст як деҳ одам:
Ӯ пешвои мардум
Дар рӯзи суру мотам.

Мегӯяд ӯ, ки: – Ман ҳам
Дирӯз бачча будам.
Гӯше ба оча, аммо
Ҳуше ба кӯча будам.

Чашме занам, ки солам



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз сад гузашта рафтаст.
Бад гашта ҳолам, акнун
Аз бад гузашта рафтаст.

Ин пиразан, ки умраш
Аз сад фузуда бошад,
Сад сол пеш гӯё
Духтарча буда бошад?

Афсона менамояд
Ин гап, ки устувор аст:
Гулдухтаре, ки ҳоло
Кампираке низор аст.

– Ин бахти камназир аст! –
Гӯянд мардуми деҳ. –
Садсолаасту ҳолаш
Аз ҳоли дигарон беҳ.

Ин бахти момаи мост,
К-озода духтарак буд?
Як духтаре, ки чун гул,
Ё балки беҳтарак буд?

Ё бахти духтаре, к-ӯ
Хушрӯй буду хушгил? –
Садсола гашту акнун
Шуд зиндагиш мушкил?

Ё бахти он, ки меҳре



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Андар замир дорад?
Ё бахти деҳаи мост,
К-ин гуна пир дорад?

## ДАР РӮ БА РӮИ ХӮСА

Эй хӯса, хӯса, хӯса,
Эй некмарди кӯса,
Эй тарси ҷони мурғон,
Эй посбони беҷон!
То хост хоҷаи боғ
Сор аз ту тарсаду зоғ,
Аз тарси ту ба ин сӯй
То кас наёварад рӯй,
Ин ҷо туро бапо кард,
Бадшаклу баднамо кард.
Аммо агарчӣ зиштӣ,
Ҳаққо, накӯсириштӣ!
Аз ту касеву чизе
Нашнида тунду тезе.
Истодаӣ ба як пой,
На «ҳӯй!» гуфта, на «ҳой!»
Хоҳӣ, бадат набинанд,
Озод дона чинанд,
Бухранд, то тавонанд,
Хоҳанд агар, кашонанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хоҳӣ, ба қавси гӯшат,
Дар ҷайбу каллапӯшат,
Дар шохаҳои дастат,
Дар кунҷи банду бастат,
То лонаҳо бимонанд,
Шодона то бихонанд;
То тухмҳо гузоранд,
То чӯҷаҳо бароранд;
То ранҷашон бар орад,
То чӯҷашон пар орад;
То ҳар яке занад бол
Дар авҷи бахту иқбол.
Хоҳӣ, зи ту нахӯсанд,
Хоҳӣ, туро бибӯсанд.
Ё худ равӣ ту чун доғ
Аз рӯйи ҳусни ин боғ.
Эй хӯса, хӯса, хӯса,
Эй некмарди кӯса,
Эй тарси ҷони мурғон,
Эй посбони беҷон!
Шаклан агарчӣ зиштӣ,
Аслан накӯсириштӣ!
Хайрияти ту донам,
Дар нийяти ту ҷонам!

## БАРОИ БИНИИ ХУД



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бинӣ, чунон ки бинӣ,
Хубӣ ту бениҳоят,
Беҳуда не, ки бошад
Дар байни дида ҷоят.

Азбаски аз бари рӯ
Беҳад баланд рафтӣ.
Чашми касат наафтад,
Дар чашми кас биафтӣ.

Бинича нестӣ ту,
Бинии бас калонӣ!
Одоби бинигиро
Шодам, ки нағз донӣ.

Шодам, ки байни мардум
Худро нигоҳ дорӣ,
То оби рӯ нарезӣ,
То ногаҳон нахорӣ.

Шодам, ки беҷиёсӣ
Дар илми бӯшиносӣ,
Неку бади ҷаҳонро
Аз рӯи бӯ шиносӣ.

Бинибаланд будан
Донӣ, ки хӯйи зишт аст,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар ғам, ки аз ту болост,
Беҳудаву пилишт аст.

Чун мешавӣ кашола
Дар лаҳзаҳои душвор,
Хат мекашӣ заминро
Монанди теғи испор.

Аз ҳарфу кори ноҷо
Ҳамчун чироғ сӯзӣ,
Аз бӯйи ноумедӣ
То бар димоғ сӯзӣ.

Биникаше бубинӣ,
Нофор мешавӣ ту,
Худ аз садои бинӣ
Безор мешавӣ ту.

Бинӣ касе ки кобад,
Хоҳӣ, варо набинӣ,
Бинӣ халад ба ҳар ҷо,
Гӯй, ки «Ҳайфи бинӣ!»

Азбаски нағз ҳастӣ
Ҳамчун булӯру чинӣ,
Ин гандабиниҳоро
Арзад, ки ганда бинӣ!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Рӯмолакат бубахшам
Аз рӯйи дӯстдорӣ,
Бошад, ки тозагиро
Ҳамвора дӯст дорӣ!

## АНДЕШАИ САГ

Маҳзуну хастаам,
Хобам ба ҷойи худ.
Ман сар ниҳодаам
Дар пушти пойи худ.

Аз фикри барзиёд
Беҳад сарам гарон,
Чашми дилам мудом –
Дар роҳи дигарон.

Ҳар дам ба ёди дӯст
Гум мезанад дилам,
Аз завқи диданаш
Дум мезанад дилам.

Дар олами вафо
Кас нест ҳамчу ман,
Дар сидқу дар сафо
Пас кист ҳамчу ман?!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хешони ман буванд
Ҳампойи мардҳо!
Дар даҳр аввалин
Кайҳоннавардҳо!

Ман ёри ҷонфидо
Бар фарди меҳрубон,
Ҳамкори бебаҳо
Бар марди посбон.

Ҳарчанд дар назар
Бошам забондароз,
Ҳайфо, ки ин забон
Набвад забони роз.

Андеша мекунам
Беҳтар зи одамон,
Дар гуфтанаш вале
Ман лолу нотавон.

Хоҳам, ки гап занам,
Аммо куҷо гапам?!
Дил мекашад фиғон,
Аммо чаро хапам?!

Аз гуфтанӣ маро
Як ҳарфи «ак-ак» аст,
Оҳ, ин сазои ӯст,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳар кӣ агар саг аст!

## ЗАРГӮШАКЕ НОТАРС БУД!

Имсол ё порина буд,
Имрӯз буд ё дина буд,

Заргӯшаке нотарс буд,
Чолок буду чарс буд.

Чашмаш ниҳоят тез буд,
Чашме, ки оташрез буд.

Чанголи вай пурзӯр буд,
Чангол не, анбӯр буд.

Дандони вай дандон набуд,
Ду оҳани дандона буд.

Мӯйи лабаш чун дос буд,
Не, дос не, алмос буд!

Ду гӯши вай ду шох буд,
Дилҳо аз он сӯрох буд.

Гоҳе ки вай дартоз буд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гӯё ки дар парвоз буд.

Бисёр бадҳайбат буд ӯ,
Не, балки як даҳшат буд ӯ!

Тарсон Шағол аз ҷон гурехт,
Рӯбоҳи саргардон гурехт.

Дигар яке Бабру Паланг
Гаштанд ҳайрону гаранг.

Шер омаду таъзим кард,
Худро ба вай таслим кард.

Гургак чӣ? Гургакро нигар! –
Аҳволи Гургак шуд батар.

Гургак на омад, на гурехт,
Биншасту оби дида рехт.

Сад зораю сад лоба кард,
Аз кардаҳояш тоба кард…

Имсол ё порина буд,
Имрӯз буд ё дина буд:

Заргӯшаке нотарс буд,
Чолок буду чарс буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин як шаби маҳтоб буд,
Як лаҳзаи ноёб буд.

Як хоҳиши дерина буд,
Як хоби заргӯшина буд.

## МӮРЧАИ ТАНҲОГАРД

Дар кунҷи Боғи лолазор,
Дар зери як бехи анор,

Як мӯри зарди зард буд,
Як зарди танҳогард буд.

Ҳар ҷо равон буд ӯ худаш,
Танҳо равон буд ӯ худаш.

Додарчааш дилҷӯй буд,
Хоҳарчааш хушрӯй буд.

Аз ӯ падар хурсанд буд,
Модар саодатманд буд.

Мегуфт бобо: – Донакам!
Мегуфт момо: – Ҷонакам!

Ин гуна худ танҳо нагард,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар кӯчаю саҳро нагард.

Дур аз ҳама будан хатост,
Хавфе ба умру ҷони мост.

Ин мӯри зарди зард лек,
Ин зарди танҳогард лек,

Мегуфт: – Ман кӯдак наям!
Ман ин қадар гӯлак наям!

Донам, чӣ некасту чӣ бад,
Ақлам ба ҳар ҷо мерасад!

Рӯзе ҳамин зарди бало,
Рустӣ зи хешу ақрабо,

Бар сайри саҳро рафтааст,
Танҳои танҳо рафтааст.

Танҳо саёҳат кардааст,
Танҳо рафоҳат кардааст.

Танҳо худаш дон хӯрдааст,
Аз ину аз он хӯрдааст.

Рафтаст танҳо сӯяке,
Дидаст танҳо ҷӯяке.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Танҳо худаш бар сӯйи ҷӯ
Чун об рафтаст ӯ фурӯ.

Танҳо худаш хӯрдаст об,
Танҳо худаш гаштаст… Ҳоб!

Ногаҳ дар об афтодааст,
Дар изтироб афтодааст.

Аз ҳар кӣ ёрӣ хостаст,
Ёрӣ ба зорӣ хостаст.

Аммо касе нашнидааст,
Хору хасе нашнидааст.

Сӯяш касе наштофтаст,
Хору хасе наштофтаст.

На дасти ёрӣ додааст,
На эътиборе додааст.

Бо шаст обаш бурдааст,
Бо сад азобаш бурдааст.

Бар буттаю бар гил задаст,
Бар сангу бар соҳил задаст.

То дури дураш бурдааст,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бисёр ҳам озурдааст.

Лекин ба сад ранҷу азоб,
Берун шудаст охир аз об.

Як лаҳза роҳат ёфтаст,
Мӯйи лабашро тофтаст.

Гуфтаст бо худ пас чунин:
– Танҳо нагардам баъд аз ин!

Танҳоравӣ беҳад бад аст,
Танҳоравӣ бад беҳад аст!..

Пас вай зи ҷо бархостаст,
Афсона не, ин рост аст!

Бинаш, ба хона меравад,
Бас шодмона меравад.

Чолок по мемонад ӯ,
Дар зери лаб мехонад ӯ:

– Ҳар ҷо нагардам баъд аз ин!
Танҳо нагардам баъд аз ин!

Ҳарфи мани зард аст ин!
Қавлу гапи мард аст ин!..



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бингар, чӣ сон по монад ӯ!
Бишнав, чиҳо мехонад ӯ!

Ҳоло падар – хурсанди ӯ,
Модар – саодатмандӣ ӯ,

Дилҷӯй – додарҷони ӯ,
Хушрӯй – хоҳарҷони ӯ,

Бобо, ки дон мехонадаш,
Момо, ки ҷон мехонадаш,

Дар хона бесабру қарор,
Ҳастанд ӯро интизор.

Бар хонашон чун мерасад,
Хеле дигаргун мерасад:

Ҳар ҷо намегардад дигар,
Танҳо намегардад дигар.

## АФСОНАЕ, КИ НОЧОР АНҶОМ ЁФТ

Рӯзе ду акка
Якка ба якка



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шодона биншаст
Дар шохи … такка.
Ногаҳ сарашро
Ларзонд такка,
Он аккаҳоро
Тарсонд такка.
Тарсиду пар зад
Якбора ҳар ду,
Инаш ба ин сӯ,
Онаш ба он сӯ…
Такка сарашро
Ларзон намекард,
Он аккаҳоро
Тарсон намекард.
Ду акка аз ӯ
Тарсон намешуд,
Ҳар ду ба ҳар сӯ
Сарсон намешуд.
Ду акка ҳар сӯ
Сарсон намешуд,
Афсона ин ҷо
Поён намешуд.

М У Н Д А Р И Ҷ А

«РЕ» МЕГӮЯМ МАН БУРРО!

Алифбоҷон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сурудаке дар бораи ҳарфи О
Саргузашти як ҳарфи О-и танҳои танҳо
Бо ҳарфи М чиҳо шуд?
МО ва МОМО
Афтодани Алифбо
«Ре» мегӯям ман бурро!
Дар машқи хушнависӣ
Идат муборак!
Куку
Парасту
Чумчуқ чӣ мегӯяд?
Мусиқии хомӯшӣ
Лаклак
Гунҷишк ва гурба
Чӯҷаи мурғобӣ
Гургак ва саг
Бузичаи алобуло
Шамолак
Барфи калон
Зоғи ало

## АЗ ЯК-ЯК ТО ЛАК-ЛАК

Дар шинохти шумораҳо
Аз як то даҳ
Як ҷамъи ду
Як тақсими ду

Ду лона – дар дӯлона



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сегона
Се хурмо
Се сари бесар
Қиссаи Яку Як
Яку дую яку ду
Машқи ҳисоб
Муборакбодӣ
Ангуштшумор
Лаклакшумор
Ду гунҷишку ду гунҷишк
Нишасти шумораҳо
Санҷиш
Дар бузургдошти шумораи Сифр
Алла
Чилмангӯштак
Баҳои 5

ГАҲВОРАКУШО

Додарҷон
Нинӣ
Гаҳворакушо
Дандонбаророн
Феъли нинӣ дар куҷост?
Нинӣ ба пой бархост
Роҳравӣ
Хурдак
Бахти баланд
Ман аз ҳама баландам!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ман ба куҷо медавам?
Ширин суруд мехонад
Навозиши модар

Моҳ куҷо меравад?
Хирсак
Корвон
Ҷоноҷон
Дар меҳмонӣ
Баччаи нағз
Дудодарон

## ДАРВОЗАИ БАҲОР

Баҳор
Сӯҳбат бо Само
Борон омад!
Офтобак
Дарвозаи баҳор
Гулҳо
Занбӯри асал
Деҳҷар
Дорбозӣ
Чашма
Абри сиёҳ
Соябон
Навбаҳори сабз
Чакраборон
Хушнавоз



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Лаззат
Саёҳат
Тирукамон
Саворӣ
Заргӯшак
Қурбоқаи нақшин
Қурбоқаҳо куҷоянд?

АКСАР ЧӢ МЕНАВИСАД?

Аскар
Аскар будан бозӣ нест
Аскар чӣ кор дорад?
Аскар чӣ менависад?
Дар мактаби аскарӣ
Бонги хатар
Сахт аст машқи ҳарбӣ
Дар посгоҳ
Хати амонӣ
Фармондеҳ
Боварӣ
Парчами қисм
Қимати вақт
Ба кӣ осону ба кӣ душвор
Ҳамхидматон
Зинда бошӣ!
Бошад, ки!
Гусел ва пешвоз



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ман аскарам ва ё ман?
Суруди наваскарон

АНДЕША

Салом!
Аз таҳти дил бихонем!
Каму беш
Ду духтари хонанда
Покизагӣ
Кулча чаро ширин аст?
Пазмонӣ
Андеша
Оинаи кирдор

Олам – аҷоиб
Мову ту як касем!
Ғанаб
Қиссаи хоб
Хоби маҳ
Ҳамсафар
Худ бо худ
Пурсу посух
Нур-амак
Бозор
Ҳасрат
Гиря
Ангурзор
Файзи тирамоҳ
Хазонрез



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳавлирӯбӣ
Занбӯри ғингак
Пурсиши олам зиёд
Тилло – кӣ? Нотилло – кӣ?
Вақт
Тозиш
Марҷони ширин
Росту чап
Сафар
Мушак дарди дандон аст
Навозиш
Кӣ дар бораи чӣ мехонад?
Орзуҳо
Яхбандӣ
Ҳусни зимистон
Соли Нав
Таскине барои автобус
Чистонҳо

ХАНДОНАК

Духтарчаи хандонак
Анори хандон
Доноӣ
Гуфтугӯ
Ҳайрат
Бинам, бинам
Меҳмондӯст
Аҳмад ва Раҳмат



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сари равон
Азоби хурд будан
Попӯши момо
Шустушӯ
Хона бирӯбад Нигор!
Чаро? Чаро?
Ҳамза чӣ хушрӯ шудаст!
Васваса
Фаромӯшӣ
Беҳудагӯй
Қалам куҷо шуд?
Азманҷон
Ҷосус
Гуфтугӯйи ду саг
Як гурба муше дидаст
Орзуҳои солинавӣ
Кистонҳо
Муаммоҳо

ЧАРО ШАМОЛАК ВАЗИД?
(Чигилакҳо)
Оё дуруст кардам?
Бар ин сухан нахандӣ

Дар бораи фаслҳои сол
Воқеаи тарбузхӯрӣ
Мусичаю бузича
Хурсандии маймун



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чаро Шамолак вазид?
Ин чӣ ғиреве?
Бодомгули олуча
Мусичаи бегуноҳ
Саргузашти нави Хисаку Ору ва Харгӯшбачча
Дари шикорӣ
Аспи ало
Дар танҳоӣ
Қиссаи рост

БИЁЕД, МЕСАРОЕМ!
(Сурудҳо)

Суруди умумиҷаҳонии баччаҳо
Кишвари тоҷикон
Сомони Тоҷикистон
Душанбе
Модарам
Нома ба падар
Холаҷон
Суруди аълохонҳо
Ҳафт овози мусиқӣ
Наврӯзӣ
Боронак
Ҳулбӯ баромад
Фардои дурахшон
Рамзи меҳр
Шукронаҷони мо



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шамшод

Таътил шуд!
Пойга
Алвончак
Духтарчаи гирёнак
Куртаи нав
Мӯяки ман
Хуш бош, фасли гармо!
Тирамоҳи зебо
Роҳи сафед, турнаҳо!
Зимистон
Барфак
Калидчаи зарин
Сӯзанак
Обаки ширин

МАНЗУМАҲО

Офтобак
Оғози рӯз
Баччаҳову кӯчаҳо
Дурдонаи ҷонона
Қиссаи як зуккахӯр
Қарор
Дили ман
Ин бахти кист?
Дар рӯ ба рӯи хӯса
Андешаи саг



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Заргӯшаке нотарс буд
Мӯрчаи танҳогард
Афсонае, ки ночор анҷом ёфт



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*